ДОНИШГОҲИ ТЕХНИКИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АКАДЕМИК М.С.ОСИМӢ



Ба ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 657.69 (575.3)
ТКБ: 65.052+38 (2 тоҷик)
И-41

ИКРОМОВА МАЛОҲАТ ХОЛОВНА

РУШДИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНӢ ВА НАЗОРАТ ДАР ШИРКАТҲОИ СОХТМОНӢ

АВТОРЕФЕРАТИ
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси
5.2.18 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит

Душанбе – 2026

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ дар сохтмони Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ иҷро шудааст**.**

Роҳбари илмӣ: **Низомов Самариддин Фахриевич** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқарризони расмӣ: **Қодирова Гулмо Толибовна -** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷменти Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Ҳукуматов Давлатҷон Ҷамшедович – номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

Муассисаи пешбар: **Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

Ҳимояи диссертатсия санаи 26 декабри соли 2026, соати 14:30 дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон баргузор мегардад. Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, х. Борбад 48/5, бинои таълимии “В”, толори №305. Почтаи электронӣ: 6D.KOA-100@mail.ru, телефони котиби илмӣ: (+992) 981000050.

Бо диссертатсия дар китобхонаи илмии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва сомонаи расмии он (www.iutet.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат _____ соли 2026 фиристода шуд.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
Доктори фалсафа (PhD) **Сайфиддинзода С.С.**

МУҚАДДИМА

Мубрам будани мавзуи таҳқиқот. Дар шароити иқтисоди бозорӣ субъектҳои иқтисодӣ ба ҷустуҷӯи воситаҳо ва самтҳои нави амалӣ гардондани фаъолияти самараноктари молиявӣ-хоҷагидорӣ бештар талош менамоянд. Дар сурати ноил гаштан ба ин ҳадаф, ҳам ба рушди фаъолияти худ муваффақ хоҳанд гашт ва дар маҷмуъ, барои пешрафти ҷамъият шароити мусоид фароҳам хоҳад омад. Бо рушд ёфтани муносибатҳои бозорӣ натиҷаҳои фаъолияти ширкат бештар аз тарзи идоракунӣ ва самаранокии қабули қарорҳо вобаста буда, мавқеи ширкат дар иқтисодиёт муайян ва мустақилияти воқеии он дар бозор таъмин мегардад. Равандҳои муосири иқтисодиёт аз он шаҳодат медиҳанд, ки фаъолияти идоракунии субъектҳои иқтисодӣ, аз он ҷумла ширкатҳои сохтмонӣ бояд ба системаи муосир ва самараноки иттилоотӣ асос ёбад, ки чунин системаи самаранок маҳз дар чаҳорчӯбаи баҳисобгирии муҳосибӣ бунёд гашта, барои таҳияи стратегия ва тактикаи фаъолияти менеҷерони ширкатҳо дар шароити бозор маълумоти заруриро пешниҳод менамояд.

Барои баланд бардоштани самаранокии баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ширкатҳои сохтмонӣ маълумоти нақшавӣ, технологӣ, меъёрӣ, баҳисобгирӣ ва таҳлилӣ зарур аст, зеро назорат ва танзими фаъолият дар ҷараёни муқоисакунии маълумоти нақшавӣ бо иттилооти баҳисобгирии фаврӣ амалӣ карда мешавад. Аммо низоми ҳозираи баҳисобгирии молиявӣ, сарфи назар аз ҳаҷм, бузургӣ ва хусусияти маълумот, ки дар шакли ҳисоботи муҳосибӣ пешниҳод карда мешавад, хусусияти умумию стандартӣ дошта, талаботи роҳбарияти субъектҳои иқтисодӣ, хусусан ширкатҳои сохтмониро қонеъ гардонида наметавонад. Барои идоракунии босамар ва қабули қарорҳо ба роҳбарияти ширкати сохтмонӣ маҳз маълумоти ҷузъигардонидашуда аз фаъолияти зербахшҳои дараҷаҳои гуногун, раванди иҷроиши нақшаҳо, унсурҳо ва моддаҳои хароҷот, сармоягузориҳо, фаъолияти менеҷерҳо ва ғ. зарур аст. Аз ин рӯ, танҳо низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлилӣ чунин иттилоотро тайёр менамояд, ки он имкониятҳои иқтисодӣ, идоракунӣ, ташкилӣ, молиявӣ, функсионалӣ ва мақсадноки субъекти хоҷагидории соҳаи сохтмонро метавонад таҷассум намояд.

Идоракунии корхонаҳои сохтмонӣ малакаю маҳорати нозукеро талаб мекунад, ки танҳо бо истифода аз равиш ва низомҳои махсуси таъминоти иттилоотӣ ба он ноил шудан мумкин аст. Банақшагирии стратегии дақиқ ва иҷрои воқеии он мустақиман аз навсозии низоми баҳисобгирии хароҷот ва арзиши аслӣ, буҷетсозии босамар, бунёди роҳҳои муносиби таҳиякунии ҳисоботҳои дохилии идоракунӣ вобаста аст. Барои таъмини вазифаҳои зикршуда таваҷҷӯҳи махсус бояд ба тарҳрезии сохтории баҳисобгирии идоракунӣ ва назорати дохилӣ равона карда шавад, зеро омилҳои зикршуда идоракунии босамари ширкатҳои сохтмониро таъмин намуда, рақобатпазирии дарозмуддати ширкатро боз ҳам устувор мегардонад.

Дар робита ба ин, зарурати таҳияи асосҳои назариявӣ, равишҳои методологӣ ва роҳҳои ҳалли амалии татбиқи низомҳои иттилоотӣ бо истифода аз тарзу усулҳои баҳисобгирии идоракунӣ ва назорати дохилӣ ба вуҷуд омадааст. Арзиши амалӣ, назариявӣ ва методологии таҳқиқоти мазкур аз зарурати баланд бардоштани сифати идоракунӣ ва самаранокии умумии фаъолияти ташкилотҳо дар соҳаи сохтмон бармеояд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Оид ба таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат аз ҷониби олимони хориҷии зерин – Аверчев И.В. [70], Адамов Н.А. [28], Аврова И.А. [27], Бурсев В.В. [58; 71], Вандина О.Г. [10; 59], Вахрушина М.А. [33; 34; 60], Воробьев Н.Н. [11], Друри К. [35; 36], Ивашкевич В.Б. [37; 38], Касянова Г.Ю. [61], Кутер М.И. [41], Кутепов А.С. [62], Маллинз Л. [42], Мелник М.В. [40], Муллахметов Х.Ш. [63, 72], Нидлз Б., Андерсон Х., Колдуелл Дж. [43], Николаева С.А. [48], Палий В.Ф. [49; 68], Скоун Т. [50], Соколов А.А. [24], Стуков С.А.[51], Ткач В.И., Ткач М.В. [52], Хорнгрен Ҷ.Т., Фостер Дж. [53], Шеремет А.Д. [54], Хорин А.Н. [69] ва дигарон корҳои илмии арзишманд офарида шудаанд.

Баъзе масъалаҳои ҷудогонаи ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар интишороти муҳаққиқони ватанӣ – Абдулмуминзода Н.А. [55], Бобиев И.А. [30; 57], Бобоев М.У. [9; 31], Ғаниев У.Ф. [12], Давлатзода М.Х. [14], Зокирова Ф.Дж. [55], Калемуллоев М.В. [15; 16], Каримов Б.Ҳ. [17; 39], Мирзоалиев А.А. [45], Низомов С.Ф. [19; 45; 46; 47; 64; 65; 66; 67], Раҳимов С.Х. [21, 45], Розиев Д.А. [22], Сайфиддинзода С.С. [23], Хушвахтзода Қ.Х. [8; 67], Шамсиддинов М.М [26] ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Бевосита ба омӯзиши масъалаҳои ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ширкатҳои сохтмонӣ муҳаққиқони зерин, аз қабили Байбурин А.Х. [29], Адамов Н.А. [56], Лукинова В.А. [32], Бурсев В.В. [58], Вандина О.Г. [10, 59], Грянова А.В. [13], Низомов С.Ф. [19, 44, 64, 65, 66], Пономорева Н.И. [20] таҳқиқоти худро равона намудаанд.

Ба аҳамияти асарҳои олимони зикршуда, ки таҳқиқи масъалаҳои умумии ташкили баҳисобгирӣ ва назорати идоракуниро анҷом додаанд, таваҷҷуҳ зоҳир намуда, қайд кардан бамаврид аст, ки таҳқиқоти васеъ вобаста ба рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ширкатҳои сохтмонии бо сохторҳои гуногуни ташкилӣ ва идоракунӣ фаъолияткунанда аз мадди назари онҳо дур мондааст.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ. Диссертатсия дар доираи татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 октябри соли 2016, таҳти №392), Стратегияи рушди соҳаи сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2022, №203), инчунин Нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ барои солҳои 2021-2025» иҷро гардидааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Таҳқиқоти диссертатсионӣ нишон дод, ки татбиқи муваффақонаи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар сатҳи миллӣ ва соҳавӣ, навоварӣ ва сармоягузорӣ дар соҳаҳо, навсозии инфрасохтори базавӣ барои ҳамаи бахшҳои иқтисодиёт, боло бардоштани вазъи иҷтимоию иқтисодии аҳолии кишвар ба саҳми соҳаи сохтмон вобастагии қавӣ дорад. Вобаста ба ин дар доираи ин таҳқиқоти илмӣ ҷиҳати мукаммалгардонӣ ва рушди идоракунии ширкатҳои сохтмонӣ, беҳтар гардонидани таъминоти иттилоотии онҳо тавассути рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ, асосноккунии пояҳои назариявию

методологии баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат, коркарди ҷанбаъҳои ташкилӣ-методии баҳисобгирии хароҷот ва арзиши аслӣ, ташкили назорати фаъолияти асосии ширкати сохтмонӣ аз рӯйи объектҳои сохтмонӣ таҳлилу баррсӣ гардида, методикаҳои такмили онҳо коркард карда шудааст. Ҳамчунин, вобаста ба хусусиятҳои технологӣ ва ташкили истеҳсолоти сохтмонӣ, масъалаҳои тартибдиҳии буҷетҳо ҳамчун асоси ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат аз рӯйи сегментҳо, ташаккул ва такмили ҳисоботи сегментӣ ва механизмҳои ташкилии баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ дар рисолаи мазкур таҳлилу баррасӣ гардида, роҳҳои мукаммалгардонии онҳо пешниҳод карда шудааст.

Мақсади таҳқиқот. Ҳадафи рисолаи илмӣ рушди мафҳумҳои назариявӣ, банизомдарории асосҳои методологӣ ва гузаронидани таҳлили ҳамаҷонибаи таҷрибаҳои амалии баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ширкатҳои соҳаи сохтмон, инчунин таҳияи тавсияҳои методӣ ва воситаҳои амалӣ ҷиҳати мукаммлагардонии онҳо мебошад.

Вазифаҳои тадқиқот. Барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда дар доираи рисолаи диссертатсионӣ маҷмӯи вазифаҳои зерини бо ҳам алоқаманд муайян карда шудаанд:

1. Омӯзиши асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат бо муайян намудани аҳамияти онҳо дар доираи низоми муттаҳидаи идоракунии корхона;
2. Омӯзиши хусусиятҳои технологии ташкили истеҳсолоти сохтмонӣ, баҳогузории ҳолати муосири ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии хароҷот, коркарди амсилаи татбиқи онҳо дар ширкатҳои соҳаи сохтмон;
3. Ошкор кардани муаммоҳои ташкили назорати дохилӣ аз рӯйи марказҳои масъулият дар ширкати сохтмонӣ ва коркарди тавсияҳои методӣ оид ба бартарафкунии онҳо ва татбиқи назорати дохилӣ;
4. Мукаммал гардонидани ҷанбаҳои амалӣ ва методии баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ширкатҳои сохтмонӣ дар заминаи амсилабандӣ ва таҷдиди низоми буҷетикунонӣ, рушди ҳисоботи дохилӣ аз рӯйи бахшҳои истеҳсолӣ ва такмили механизми назорати идоракунӣ.

Объекти таҳқиқот равандҳои ташаккулёбӣ, коркард ва истифодаи иттилооти баҳисобгирии идоракунӣ, инчунин расмиёти назорати дохилӣ дар доираи сохтори идоракунии ширкатҳои сохтмонӣ мебошад.

Мавзуи таҳқиқот ҷанбаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии ташаккул ва рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ширкатҳои сохтмонӣ мебошад.

Фарзияи таҳқиқот ба он асос меёбад, ки рушди бахшҳои воқеии иқтисодиёт, хусусан соҳаи сохтмон дар марҳилаи саноатикунонӣ ва таъминкунии соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ бо инфрасохтори замонавӣ аз ҳолати ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва назорати дохилӣ, ки метавонанд роҳбарияти дараҷаҳои гуногуни идоракунии корхонаро бо маълумотҳои саривақтӣ таъмин кунанд ва дар қабулкунии қарорҳои босамари идоракунӣ

саҳмгузор бошанд, вобастагии қавӣ дорад. Дар доираи ин таҳқиқот равишҳо, методикаҳо, амсилаҳое, ки коркард шудаанд, барои мукаммалгардонӣ ва рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва назорати дохилӣ, қабули қарорҳои асоснок, баландбардории самаранокии истеҳсолоти сохтмонӣ ва дар маҷмуъ мукаммал гардонидани раванди идоракунии ҳамаи ҷараёнҳои хоҷагидории ширкати сохтмонӣ мусоидат мекунад.

Асосҳои назариявию методологии таҳқиқот. Асосҳои назариявии таҳқиқоти мазкур ба мероси илмии муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ, ки асарҳояшон ба ошкоркунии консепсияҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, аз он ҷумла баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат бахшида шудааст, такя мекунад. Методологияи таҳқиқот аз истифодабарии усулҳои абстраксияи илмӣ, таҳлили иқтисодӣ-оморӣ, муқоиса, коршиносӣ, амсилабандӣ иборат аст. Ҳамчунин, усулҳои махсус, ки танҳо ба низоми баҳисобгирии муҳосибӣ мутааллиқанд, аз он ҷумла: ҳисобҳои муҳосибӣ, навишти дутарафа, арзишмуайянкунӣ, ҳисоботдиҳӣ ва ғ. зимни омӯзиши падидаҳо, зуҳурот ва равандҳо истифода бурда шудааст.

Сарчашмаи маълумот. Сарчашмаи маълумотро санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумлаи қонунҳо, стратегия ва барномаҳои рушди соҳавӣ, санадҳои меъёрӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, фармонҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти баҳисобгирӣ ва ҳисоботи идоракунии ширкатҳои соҳаи сохтмон, маводди конференсияҳо ва интишороти ба соҳаи баҳисобгирӣ ва назорати идоракунӣ тааллуқдошта ташкил медиҳад.

Пойгоҳи таҳқиқот. Ба сифати пойгоҳи таҳқиқот Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ интихоб шудааст, ки он маҷмуи шароитҳо, имкониятҳо ва воситаҳо, аз он ҷумла заминаҳои моддию техникӣ, дастрасӣ ба китобхонаи электронӣ, шабакаи ҷаҳонии интернет, пойгоҳҳо ва воситаҳои техникии коркард ва таҳлили маълумотро барои гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ ва дигар корҳои илмӣ доро мебошад. Инчунин маълумоти иқтисодӣ аз ширкатҳои сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи нашрияҳои илмӣ, интишороти олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ҳисоботҳои таҳлилӣ ва таҳқиқоти амалии муаллиф истифода шудаанд. Иштирок дар конференсияҳои илмӣ, семинарҳо ва мизҳои мудаввари тахассусӣ барои ташаккули назария ва коркарди методикаҳо ҷиҳати рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ширкатҳои сохтмонӣ мусоидат намуданд.

Навгонии илмии тадқиқот. Навгонии илмии тадқиқоти диссертатсионӣ асосноккунии нуктаҳои назариявӣ ва пешниҳодҳои муассир оид ба такмил додани баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ширкатҳои сохтмониро бо шумули ҷанбаъҳои технологии ширкати истеҳсолӣ фаро мегирад. Тавсияҳои методӣ дар самти мукаммалгардонии унсурҳои низоми баҳисобгирии идоракунӣ ба мисли арзишмуайянкунӣ, буҷетикунонӣ, ҳисоботи сегментӣ (дохилӣ), назорати дохилӣ ва дигар ҷанбаҳои ташкилии баҳисобгирии идоракунӣ таҷассум меёбад. Навгонии илмии таҳқиқот аз бандҳои зерин иборат аст:

1. Ҷанбаҳои назариявӣ ва методии рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат

ҳамчун манбаи таъминоти иттилоотӣ дар ширкатҳои соҳаи сохтмон асоснок карда шуда, нақш ва аҳамияти онҳо дар рушди низоми идоракунии ширкатҳои зикршуда муқаррар карда шуд.

2. Хусусиятҳои технологӣ, ташкилӣ ва идоракунии соҳаи сохтмон таҳлил карда шуда, таъсири онҳо ба ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат бо назардошти усулҳои гуногуни пешбурди истеҳсолоти сохтмонӣ (хоҷагӣ, шартномавӣ ва ғ.) муайян карда шуд. Ҳолати муосири ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии хароҷот вобаста ба талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи сохтмон таҳқиқ карда шуда, амсилаи татбиқи онҳо дар ширкатҳои соҳаи зикршуда мавриди коркард қарор гирифт.

3. Масъалаҳои ташкили назорати фаъолияти ширкати сохтмонӣ аз рӯйи объектҳои сохтмонӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, мавқеи назорати идоракунӣ дар низоми идоракунии ширкати сохтмонӣ, самтҳои иҷроиши корҳои назоратӣ, усулҳои назорати дохилӣ муайян карда шуда, тавсияҳои методӣ оид ба мукаммалгардониии низоми назорати идоракунӣ пешниҳод карда шуд.

4. Барои мукаммалгардонии методикаи ташкили баҳисобгирӣ ва назорати идоракунӣ дар асоси такмили низоми буҷетикунонӣ, татбиқи ҳисоботи сегментӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ бо дарназардошти хусусиятҳои хоси фаъолияткунии онҳо тавсияҳои амалӣ коркард карда шуд, ки ба баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунӣ ва натиҷаҳои дилхоҳи фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ мусоидат менамоянд. Ҳамчунин, намунаи сиёсати баҳисобгирии идоракунӣ ва равиши муттаҳидшудаи ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар доираи ҳисобҳои муҳосибӣ коркард ва барои истифодабарӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ тавсия карда шуд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Ошкор карда шуд, ки баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун манбаи муҳимтарини таъминоти иттилоотӣ дар ширкатҳои соҳаи сохтмон нақши калидӣ дошта, назорати дохилӣ ҷузъи ҷудонопазири системаи идоракунӣ буда, ташкил ва пешбурди ҳамбастаи онҳо барои рушди раванди идоракунӣ ва баландбардории самаранокии истеҳсолоти сохтмонӣ аҳамияти калон дорад.

2. Муайян карда шуда, ки истеҳсолот дар соҳаи сохтмон дорои хусусиятҳои махсуси ба иқлим, мавқеи ҷуғрофӣ, релефи маҳали сохтмон, ташкили истеҳсолот, технологияи бунёдкунии объектҳо, маводҳо ва техникаҳои истифодашаванда, марҳилаҳои иҷроиши корҳо ва ғ. вобаста буда, ташкили кор дар сохтмон аз руйи ҳуҷҷатҳои меъёрии тасдиқшуда ва усулҳои мувофиқ пеш бурда мешавад. Ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷот ва ҳисоби арзиши аслии объектҳои сохтмонӣ аз рӯйи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи сохтмон, Кодекси андоз ва принсипҳои дар СБҲМ муайншуда таҳқиқ карда шуда, дар ин замина тавсияҳои методӣ баҳри мукаммалгардонии онҳо коркард гардидааст.

3. Тасдиқ карда шуд, ки низоми назорати дохилӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ объектҳо, субъектҳо, василаҳои методӣ, унсурҳо, усулҳои татбиқ ва самтҳои корҳои назоратиро дар бар гирифта, ташкили он вобаста ба объектҳои алоҳида

ва марказҳои масъулият самараноктар мебошад. Мадели ташкили назорат барои ширкатҳои сохтмонӣ пешниҳод карда шуд, ки ба таъмини идоракунии босамари фаъолияти сохтмонӣ, тибқи талабот иҷрошавии корҳо ва ба меъёрҳои лоиҳавӣ мувофиқ будани онҳо мусоидат менамояд ва дар маҷмуъ ба мукаммалгардонии низоми идоракунӣ ва самаранокии истеҳсолоти сохтмонӣ мусоидат хоҳад намуд.

4. Исбот карда шуд, ки ташкили баҳисобгирӣ ва назорати идоракунӣ дар асоси такмили низоми буҷетикунонӣ, татбиқ кардани ҳисоботи сегментӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ бо дарназардошти хусусиятҳои хоси фаъолияткунии онҳо ба баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунӣ ва натиҷаҳои дилхоҳи фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории ширкатҳои мазкур мусоидат менамоянд. Бартарии равиши муттаҳидшудаи ташкили баҳисобгирии идоракунӣ бо баҳисобгирии молиявӣ дар доираи ҳисобҳои муҳосибӣ тасдиқ гардида, амсилаи ташкили он ва намунаи сиёсати баҳисобгирии идоракунӣ барои ширкатҳои соҳаи сохтмон пешниҳод карда шуд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар омӯзиш ва муайянкунии консепсияи рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ширкатҳои соҳаи сохтмон зоҳир гашта, ҳамчун сарчашмаи илмӣ дар таълифотҳои минбаъдаи соҳавӣ метавонанд истифода бурда шаванд. Муқаррароти асосӣ, амсилаҳо ва тавсияҳои методии пешниҳодгардида аз аҳамияти амалии таҳқиқот дарак медиҳанд, ки онҳо метавонанд аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми тартибдиҳии ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва маъмурияти ширкатҳои сохтмонӣ зимни татбиқ намудани баҳисобгирии идоракунӣ ва назорати фаъолияти худ истифода бурда шаванд. Татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқот имкон медиҳад, ки самаранокии низоми баҳисобгирӣ ва назорати идоракунӣ дар ширкатҳои сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд бардошта шавад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро истифодаи усулҳои махсус, таҷрибаҳои гузаронидашуда, боэътимодии маълумоти истифодашуда, кифоягии хаҷми маводди таҳқиқотӣ, коркарди маълумот аз таҷрибаи ширкатҳои сохтмонии ватанӣ, интишорот оид ба натиҷаҳои таҳқиқот тасдиқ менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлилҳои илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти назариявию амалӣ пешниҳод шудаанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия аз рӯйи бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит ҷавобгӯ мебошад: бандҳои 1.1. Парадигмаҳои ибтидоӣ, консепсияҳои бунёдӣ, принсипҳои асосӣ, постулатҳо ва қоидаҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ; 1.7. Баҳисобгирии бухгалтерӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) дар ширкатҳои шакли ташкилӣ-ҳуқуқияшон гуногун, ҳамаи соҳаҳо ва сатҳҳо; 1.13. Ташкили баҳисобгирии бухгалтерӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) аз рӯйи сегментҳо, бизнес-ҷараёнҳо ва сохторҳои таркибӣ; 1.16.

Проблемаҳои баҳисобгирии хароҷот ва ҳисоб намудани арзиши аслии маҳсулот (кор, хизмат); 3.1. Парадигмаҳои ибтидоӣ, консепсияҳои асосӣ, принсипҳои бунёдӣ, постулатҳо ва қоидаҳои аудит, назорат ва бозрасӣ; 3.2. Асосҳои назариявӣ ва методологӣ, вазифагузориҳои мақсадноки аудит, назорат ва бозрасӣ; 3.9. Рушди методологияи комплексии методҳои аудит, назорат ва бозрасӣ.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ. Саҳми шахсии муаллиф дар банизомдарории ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва назорати дохилӣ, асосноккунии таърифҳои муаллифӣ дар заминаи омӯзиши консепсияҳои илмӣ, коркарди усулҳо, равишҳо ва амсилаҳои татбиқи баҳисобгирии идоракунии хароҷот, буҷетикунонӣ, тайёркунӣ, пешниҳоди иттилоот оид ба сегментҳои фаъолият ва дигар ҷанбаҳои ташкилии баҳисобгирии идоракунӣ бо дарназардошти хусусиятҳои соҳавӣ ва технологии истеҳсолоти соҳаи сохтмон ифода меёбад. Дар асоси омӯзиши адабиёти гуногуни иқтисодӣ, санадҳо ва меъёрҳои соҳавӣ, ҷамъбасткунӣ ва таҳлили маводди таҳқиқотӣ низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат, ҳамчун манбаи таъминоти иттилоотӣ, ки василаи муҳимтарини қабули қарорҳо барои роҳбарони ширкатҳои сохтмонӣ ҳисоб меёбанд, таҳия карда шудааст.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот. Аз натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ хулосаҳои илмӣ бароварда шудаанд, ки онҳо дар шакли маърӯза ва мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии “Паёми ДМТ”, Паёми политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, маҷмӯаи маводди конференсияи байналмилалии «Масъалаҳои мубрами рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил, аудит, андозбандӣ, назорати давлатии молиявӣ: таҳдидҳои муосир ва самтҳои рушд» (19-20 январи соли 2024) ва дигарҳо нашр шудаанд.

Муқаррароти назариявию амалии диссертатсия дар ҷараёни таълимии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ҳангоми тадриси фанҳои «Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит», «Қарордоди идоракунӣ», «Иқтисодиёти сохтмон», «Таҳлили ҳолати истеҳсолию хоҷагидории ширкатҳои сохтмонӣ» (маълумотномаи №27/184 аз санаи 15 феврали соли 2024) истифода шудааст. Ҳамчунин, натиҷаҳои илмии диссертатсия ва тавсияҳои методии коркардшуда дар низоми баҳисобгирии муҳосибии ҶДММ ИИИ «Бехатарии саноатӣ» (маълумотномаи № 7 аз 19 феврали соли 2024), ҶДММ «Диёри сабз» (маълумотнома аз 24 январи соли 2024), ҶДММ «Гулистон Шаҳрсоз» (маълумотномаи №19 аз 30 январи соли 2026) татбиқ гардидаанд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Доир ба мавзуи таҳқиқот 15 корҳои илмӣ бо ҳаҷми умумии 6,0 ҷузъи чопӣ (аз он ҷумла 4,8 ҷузъи чопӣ аз муаллиф), аз онҳо 9 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт бо 184 номгӯй ва замимаҳо иборат аст. Матни диссертатсия дар 202 саҳифа ичро шуда, 18 расм ва 27 ҷадвалро дар бар мегирад.

ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқот ва дараҷаи коркардҳои илмии дар ин самт гузаронидашуда баён карда шуда, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот муайян гардидааст. Тавсифи асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, саҳми шахсии довталаб дар ба даст овардани натиҷаҳои таҳқиқот оварда шудааст.

Муаллиф натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро дар се самти асосии ба ҳам алоқаманд (се боб), ки омӯзиши масъалаҳои назариявӣ, методологӣ амалӣ ва мукаммалгардонии низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар соҳаи сохтмонро дар бар гирифтааст, дар автореферат мухтасар баён менамояд.

Боби аввали таҳқиқотро муаллиф ба омӯзиши асосҳои назариявии баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар соҳаи сохтмон бахшида, қайд менамояд, ки ба омӯзиши проблемаҳои баҳисобгирии идоракунӣ як қатор олимони ватанию хориҷӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, таҳқиқотҳои илмии судманд анҷом додаанд, ки корҳои илмии онҳо ҳамчун заминаи устувори назариявию методологии ин таҳқиқоти диссертатсионӣ қарор гирифтаанд.

Бештари назарияҳои илмӣ таъкид бар он доранд, ки баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун низоми иттилоотӣ баромад намуда дар низоми идоракунии ташкилот роҳбариятро бо иттилооти зарурӣ таъмин менамоянд. Ба ақидаи А.Д. Шеремет «Баҳисобгирии идоракунӣ қисми таркибии баҳисобгирии муҳосибӣ буда, дар доираи як ширкат низоми идоракуниро бо иттилоот таъмин менамояд, ки барои банақшагирӣ, хусусан, идоракунӣ ва назорати фаъолияти истеҳсолӣ равона шудааст» [54, с. 23].

Натиҷаи нақши иттилоотиро бозидани баҳисобгирии идоракунӣ дар он зоҳир мегардад, ки «Дар асоси маълумоти баҳисобгирии идоракунӣ қарорҳои фаврӣ, тактикӣ, стратегӣ чи дар соҳаи истеҳсолот, чи дар соҳаи молия ва назорат қабул карда мешаванд» [52, с.36].

Мувофиқи қоидаи аз ҷониби Ассотсиатсияи миллии муҳосибони ИМА муайянгардида, баҳисобгирии идоракунӣ ин: «Раванди муайянкунӣ, ченкунӣ, ҷамъоварӣ, таҳлил, омодакунӣ ва пешниҳоди маълумоти иқтисодие мебошад, ки барои идоракунӣ ва назорати фаъолияти истеҳсолӣ истифода мешаванд» [70].

Тибқи таърифи Хорнгрен Ч.Т. ва Фостер Ҷ.: «Баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун низоми иттилоотие мебошад, ки дар доираи он ҷамъоварӣ, ченкунӣ, банизомдарорӣ, таҳлил, коркард, шарҳдиҳӣ ва интиқоли маълумоти лозимӣ барои идоракунии субъекти хоҷагӣ амалӣ мегардад. Ҳаммаънои он баҳисобгирии дохилӣ мебошад» [53, с. 17]. Чунин таърифи монандро мо дар андешарониҳои олими англис Друри К. низ мушоҳида мекунем. Ӯ оид ба мафҳуми баҳисобгирии идоракунӣ чунин ибрози андеша дорад: «Баҳисобгирии идоракунӣ – ин муайянкунӣ, ченкунӣ, ҷамъоварӣ, банизомдарорӣ, таҳлилкунӣ, коркард ва пешниҳоди иттилоот барои идоракунии ҳама гуна объектҳо мебошад» [35, с. 39]. Дар ин ҷо, ӯ доираи фаъолияти баҳисобгирии

идоракуниро бо таъминоти иттиллот оид ба фаъолияти амалиётӣ (ҷорӣ) маҳдуд сохта, масъалаҳои хусусияти стратегӣ доштаро дахл накардааст.

Профессор Б.Ҳ. Каримов зимни таҳқиқотҳои сершумори худ асли моҳияти баҳисобгирии идоракуниро чунин пешкаш намудааст, ки мо комилан бо он розӣ ҳастем: «Баҳисобгирии идоракунӣ, дар навбати худ, ба қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти иттилоотии дохилии корхонаҳо нигаронида шудааст. Таъиноти он барои омода кардани ҳисобот ба идоракунии дохилӣ - роҳбарият ва менеҷерони сатҳи болои корхона равона гардидааст» [17, с.74].

Муаллиф тасдиқ менамояд, ки нуқтаи назари ҳамаи муаллифон ба ҳам наздик буда онҳо ҳадафи асосии баҳисобгирии идоракуниро ташаккули иттилооти зарурӣ барои қабули қарорҳо дар сатҳҳои гуногуни идоракунии ташкилот меҳисобанд.

Дар баробари ин масъалаҳои ташкили низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар соҳаи сохтмон ҳанӯз дар адабиёти илмӣ ба қадри кифоя инъикос наёфтаанд ва дар амал чунин баҳисобгирӣ дар воқеъ истифода бурда ҳам намешавад.

Тавре ки таҷриба нишон медиҳад, дар санадҳои қонунгузорие, ки ба низоми давлатии танзими меъёрию ҳуқуқӣ дохил мешаванд, амалан мафҳуми расмии баҳисобгирии идоракунӣ шарҳ дода нашудааст ва танзими он ҳам дар субъектҳои иқтисодӣ ба расмият дароварда намешавад. Муаллиф инро ба он чиз асоснок мешуморад, ки ташкили баҳисобгирии идоракунӣ кори дохилии корхонаҳо мебошад, давлат набояд барои пеш бурдани ҳар гуна ҳисобгирии дохилихоҷагӣ, ки аз як тараф сири тиҷоратии корхона ҳисоб меёбад, корхонаҳоро масъул гардонад ё қоидаҳои ягонаи пешбурди онро муқаррар намояд. Таҷрибаи амалии мамлакатҳои тараққикарда аз ин шаҳодат медиҳад. Ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар корхона бояд бидуни дахолати мақомоти давлатӣ амалӣ карда шавад.

Муаллиф дар асоси таҳқиқоти гузаронидааш ба хулосае омадааст, ки баҳисобгирии идоракунӣ як низоми иттилоотии дохилӣ буда вобаста ба соҳаи фаъолияти ташкилот маълумоти иқтисодиро барои қабули қарорҳо бо хусусият ва бузургиҳои муайян ба менеҷерҳои сатҳи гуногун таъмин менамояд. Вазифаҳои ин низом дар соҳаи сохтмон, пеш аз ҳама, ҳисоб кардани арзиши аслии корҳо ва хизматрасониҳои сохтмонию васлкунӣ, банақшагирӣ, ҳисобкуниҳои таҳлилӣ ва дар натиҷаи ин пешниҳод намудани ҳисоботи идоракунӣ барои ширкати сохтмонӣ мебошад.


Дар доираи ин диссертатсия дар баробари таҳқиқи асосҳои назариявию методологӣ ва ташкилии баҳисобгирии идоракунӣ муаммоҳои ташкили назорати дохилӣ низ дар субъектҳои иқтисодии соҳаи сохтмон баррасӣ карда шуд. Муайян гардид, ки татбиқи низоми назорати дохилӣ дар ҳамбастагӣ бо низоми баҳисобгирии идоракунӣ барои идоракунии босамар ва рушди устувори ширкатҳои соҳаи сохтмон заминаи мусоид фароҳам меоранд. «Назорат вазифаи аз ҳама муҳимми идоракунӣ буда бо дигар вазифаҳои он зич алоқаманд аст. Бидуни тақсимкунии расмиёти назорат вазифаҳои боқимондаи асосии идоракуниро (банақшагирӣ, ташкил, ҳавасмандкунӣ, қабули қарорҳои идоракунӣ, алоқа, идоракунӣ ва роҳбарӣ) самаранок ичро кардан ғайриимкон

аст» [72].

Давлатзода М.Х. омили асосии гузаронидани назоратро маълумотҳои баҳисобгирии муҳосибӣ шуморида қайд мекунад, ки яке аз функсияҳои баҳисобгирӣ таъмини назорат мебошад: «Баҳисобгирии муҳосибӣ манбаи асосии таъминоти иттилоотӣ барои иҷрои вазифаҳои гуногуни идоракунӣ, аз ҷумла барои назорат мебошад» [14, с.44].

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки назорат дар баробари баҳисобгирии идоракунӣ унсури ҷудонопазири низоми идоракунии субъектҳои иқтисодӣ буда, ташкил ва пешбурди ҳамбастаи онҳо дар ташкилот раванди идоракунии ширкатро осон намуда натиҷаҳои муносиби дилхоҳро бо хароҷотҳои камтарин ба бор хоҳад овард.

Истеҳсолоти сохтмонӣ дорои хусусиятҳое мебошад, ки бо аломатҳои фарқкунандааш ба мисли «истифодаи намудҳои махсуси масолеҳ, маҳсулоти истеҳсолшаванда (корҳои иҷрошаванда), шароити ғайристандартии меҳнат, таҷҳизот ва раванди махсуси технологӣ, давраи тӯлонии истеҳсолот, марҳила ба марҳила иҷрошавии корҳои сохтмонӣ аз дигар соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ фарқ карда мешавад» [18]. Дар расми 1 ин хусусиятҳо муфассал муайян карда шудааст.



Расми 1. - Хусусиятҳои истеҳсолоти сохтмонӣ
Манбаъ: *муаллиф тахия намудааст.*

Муаллиф дар рафти таҳқиқот хусусиятҳои истеҳсолоти сохтмониро муайян намуда (расми 1), тасдиқ менамояд, ки ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкати сохтмонӣ танҳо бо дарназардошти хусусиятҳои муайяншуда бояд ташкил карда шавад.

Муаллиф амалияи баҳисобгирии муҳосибиро дар як қатор ташкилотҳои сохтмонӣ таҳқиқ карда тасдиқ менамояд, ки ҷидду ҷаҳди яктарафа (масалан, амалӣ кардани танҳо як усули баҳисобгирии хароҷот, ё ин ки сарфи назар кардани буҷетсозӣ, ё ҳисоботи зерсохторӣ ва ғ.), корхонаро ба нокомӣ дучор хоҳад кард. Кор карда баромадан ва ҷорӣ намудани низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва назоратро дар ширкатҳои сохтмонӣ танҳо дар якҷоягӣ бо тамоми унсурҳояшон ба амал баровардан мумкин аст.

Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлил ва арзёбии ҳолати муосири ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар корхонаҳои соҳаи сохтмонро фаро гирифта, муаммоҳои ҷойдошта дар ин самт таҳқиқу омӯзиш карда шудаанд.

Муаллиф ба низоми баҳисобгирии хароҷот таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда кайд намудааст, ки таҳлили ҳайати моддаҳои хароҷоти ба арзиши корҳои сохтмонию васлгарӣ соқитшаванда, ки дар СБҲМ ва дигар санадҳои меъёрии дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд, нишон медиҳад, ки аз рӯйи таъинот онҳо якхелаанд. Лекин зимни ҳисобкунии арзиши корҳои сохтмонӣ ширкатҳои сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистонро лозим меояд талаботи санадҳои меъёрии дохилиро дар мадди аввал гузоранд ва танҳо пас аз пайдо гаштани номуайянӣ дар муқаррароти санадҳои меъёрию ҳуқуқии дохилӣ метавонанд аз бандҳои СБҲМ истифода намоянд. Чунки, қабули объектҳои сохташаванда аз ҷониби фармоишгари сохтмон ва мақомоти салоҳиятдор бо назардошти риояи меъёрҳои техникӣ-иқтисодии дар санадҳои меъёрию ҳуқуқии дохилӣ муқарраршуда амалӣ карда мешавад.

Дар назария ва амалияи баҳисобгирӣ ду усули муайян кардани натиҷаи молиявӣ вобаста ба шакли қабулнамудаи паймонкор оид ба эътирофкунии даромад кор карда баромада шудааст: *1) «Даромад аз рӯйи арзиши объекти сохтмон» (усули баанҷомрасии сохтмон),* яъне баъди ба охир расидани тамоми корҳо дар майдони сохтмон. *2) «Даромад аз рӯйи ҳаҷми корҳои анҷомдодашуда» (усули фоизи иҷроиши корҳо),* яъне даромад вобаста ба иҷроиши марҳилаи муайяни кор эътироф карда мешавад. Ҳангоми татбиқи ин усул натиҷаи молиявии паймонкори сохтмон дар давраи муайяни ҳисоботӣ ҳамчун фарқ байни маблағи ҳаҷми корҳои иҷрошуда ва хароҷоти ба ин корҳо тааллуқдошта муайян карда мешавад. Муаллиф усулҳои зикрршударо хотиррасон намуда тасдиқ менамояд, ки дар ширкатҳои сохтмонӣ танҳо истифодабарии усули дуюм ба мақсад мувофиқ аст.

Дар моддаҳои 93-95 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон [1] масъалаҳо марбут ба эътирофи даромадҳо ва хароҷот дар ширкатҳое, ки ба иҷрои корҳои сохтмонию васлгарӣ машғуланд, муайян карда шудаанд. Тибқи талаботи ин моддаҳо ин ширкатҳо уҳдадоранд даромадҳои худро мувофиқи усули ҳисобузамкунӣ[1] ба ҳисоб гиранд.

[1] Тибқи талаботи СБҲМ 18 «Даромад аз фурӯш» ва банди 2 моддаи 90 КА ҶТ ду усули баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷот барои субъектҳои иқтисодӣ тавсия дода мешавад: 1) усули хазинавӣ; 2) усули

Ба андешаи муаллиф бо дарназардошти хусусият ва таркиби хароҷоти истеҳсолоти сохтмонӣ мисли дигар соҳаҳои иқтисодӣ ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо)-и сохтмонӣ аз рӯйи моддаҳои хароҷот, ки онҳо дар навбати худ метавонанд аз рӯйи унсурҳои иқтисодӣ дар гурӯҳҳо муттаҳид карда шаванд, муносибтар буда, махзани кофии маълумотро барои таҳлил муҳайё менамояд. Муайянкунии арзиши аслии объектҳои сохтмонӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ кори ниҳоят мураккаб ҳисоб меёбад.

Арзиши шартномавии объекти сохтмон дар шартномаи сохтмон муайян карда мешавад ва «онро метавон чунин ҳисоб кард: а) дар асоси арзиш (нарх)-е, ки тибқи лоиҳа муайян карда мешавад (нархи собит), бо дарназардошти нуктаҳои дар шатрномаи сохтмонӣ қайдшуда оид ба тартиби тағйир додани онҳо; б) дар заминаи ҷуброни хароҷоти воқеии сохтмон, илова ба фоидаи муайяншуда, ки дар шартномаи сохтмонӣ (нархи мувофиқашуда) муайян карда мешавад» [18].

Бояд қайд намуд, ки масъалаи ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот дар ширкатҳои сохтмонӣ, ки фаъолияти баъзе аз онҳоро муаллиф дар рисола таҳлил намудааст, ба талаботи лозимӣ ҷавобгӯ нест. Масалан, дар ширкати сохтмонии ҶДММ «Бехатарии саноатӣ» варақаи арзишмуайянкунии як маҳсулотро барои ду сол таҳлил намуда, номуайянӣ ва номукаммалӣ дар ҳисобкунии арзиши аслии воқеии маҳсулот ошкор карда шудааст. Маблағи якчанд моддаҳои арзишмуайянкунӣ, хусусан арзиши партовҳои бозгашт, хароҷоти умумиистеҳсолӣ, хароҷоти нақлиётӣ барои то маҳали сохтмон ва минтақаҳои корӣ бурда расонидани маҳсулот (ҳангоми ба уҳдаи корхона вогузор будани ин кор) ва дигарҳо нишон дода нашудаанд.

Аз ин рӯ муаллиф тибқи қоидаи ҳисоби хароҷот ва арзиши аслӣ вобаста ба моҳияти иқтисодии хароҷот, ки дар асарҳои илмию таълимӣ ва дастурҳои методӣ барои дар амалия истифодабарӣ тавсия карда шудаанд, намунаи варақаи арзишмуайянкунии маҳсулотро барои объектҳои таҳқиқшуда дар ҷадвали 1 пешниҳод намудаст.

Бартарии равиши ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот, ки дар ҷадвали 1 пешниҳод гардидааст, дар он аст, ки моддаҳои хароҷот дар асоси гурӯҳбандии онҳо аз рӯйи унсурҳои иқтисодӣ дар варақаи арзишмуайянкунӣ ҷобаҷо гузошта шудаанд. Аз рӯйи он имконияти муайян кардани маблағи ҳар як унсури хароҷот муҳайё гардида, таҳлил, назорат ва танзими онҳоро амалӣ намудан мумкин аст.

Муаллиф амсилаи ташкили баҳисобгирии хароҷотро вобаста ба моддаҳо дар ҳисобҳои муҳосибии ташкилотҳои сохтмонӣ аз рӯйи маълумоти дар ҷадвали 1 нишондодашуда кор карда баромада, онро дар расми 2 пешниҳод намудааст.

Аз маълумоти дар расми 2 овардашуда мушоҳида карда мешавад, ки зимни

ҳисобузамкунӣ. Андозсупорандае, ки баҳисобгирии муҳосибиро бо усули хазинавӣ пеш мебарад, уҳдадор аст мутобиқи моддаи 92 КА ҶТ даромадро дар санаи гирифтани пулии он ва хароҷотро дар санаи пардохти воқеии он анҷом диҳад. Андозсупорандае, ки бо усули ҳисобу замкунӣ баҳисобгириро пеш мебарад, уҳдадор аст даромаду хароҷотро мутобиқи моддаи 93 КА ҶТ мутаносибан аз лаҳзаи гирифтани ҳуқуқ ба даромад ё ба миён омадани уҳдадории пардохт, сарфи назар аз вақти воқеии гирифтани даромад ё иҷрои пардохт, ба ҳисоб гирад.

ташкили баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолоти сохтмонӣ аз рӯйи моддаҳои арзишмуайянкунӣ ҳамаи хароҷоти мустақими истеҳсолӣ дар ҳисоби 10730 «Истеҳсолоти нотамом» ҷамъ карда мешавад. Барои баҳисобгирии хароҷоти ғайримустақим (хароҷоти умумиистеҳсолӣ, хароҷоти маъмурӣ ва хоҷагӣ, хароҷоти тиҷоратӣ, андозҳо ва ғ.) ҳисобҳои мувофиқро вобаста ба нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии амалкунанда ва салоҳияти муҳосиботи худи ширкати сохтмонӣ истифода бурдан мумкин аст.


Ҷадвали 1. - Варақаи тавсиявии арзишмуайянкунии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо)-и сохтмонӣ барои ҶДММ «Бехатарии саноатӣ»

№	Номгӯи моддаҳои хароҷот	Тахтасанги болопӯш П-1 отм.+ 4, (1 дона)			
		Воҳиди ченак	Миқдор	Нарх	Маблағ, сомонӣ
1.	**Масолеҳи асосӣ**				
2.	Бетони М-300 фр 5-20 мм	м3	5,78	698,14	4035,25
3.	Арматураи қ. 4 Вр 1	тн	0,02	5135,09	102,70
4.	Арматураи қ. 14 А 3	тн	0,248	5135,09	1273,50
5.	Арматураи қ. 12 А 3	тн	0,206	5135,09	1057,83
6.	Арматураи қ. 28 А 1	тн	0,048	5135,09	246,48
7.	Арматураи қ. 32 А 3	тн	0,258	5135,09	1324,85
8.	Арматураи қ. 32 А 3	тн	0,224	5135,09	1150,26
9.	Арматураи қ. 32 А 3	тн	0,158	5135,09	811,34
10.	Электрод	кг	7,3	17	124,10
11.	*Партовҳои бозгашт тарҳ карда мешаванд*	-	-	-	-
12.	***Ҳамагӣ масолеҳи асосӣ***	-	-	-	***10126,31***
13.	***Масолеҳи ёрирасон:***	-	-	-	
14.	Варақаи пулодии ғафсиаш 14 мм	тн	0,007	5700	39,90
15.	Гази пропан	кг	1,5	5,6	8,40
16.	Оксиген	м3	3	6,69	20,07
17.	Маводди чӯбӣ 350х50х50 4 шт	м3	0,0035	1480	5,18
18.	Равғанҳои техникӣ	л	8	4,92	39,36
19.	**Ҳамагӣ масолеҳ:**				**10239,22**
20.	Хизматрасонии стансияи газпуркунӣ	кг	1,5	7,388	11,08
21.	Қувваи барқ	квт/сомонӣ	96	0,65	62,40
22.	Музди меҳнати асосӣ (ММА)				423,82
23.	*Ҳиссаҷудокуниҳои иҷт.-ӣ ,20%*	-	-	-	*84,76*
24.	*Хароҷоти НТМТС*	-	-	-	
25.	*Хароҷоти умумиистеҳсолӣ*	-	-	-	*1250,27*
26.	***Арзиши аслии истеҳсолӣ***	-	-	-	***12071,55***
27.	*Хароҷоти барилова (Бо % аз ММА)*	-	-	-	*279,72*
28.	*Хароҷоти тиҷоратӣ (таҳвили маҳсулот)*	-	-	-	
29.	*Фоидаи сметавӣ 70% (аз ММА)*	-	-	-	*296,67*
30.	***Арзиши аслии пурра:***	-	-	-	***12647,94***
31.	*ААИ (7% аз арз. асл. пурра)*	-	-	-	*885,36*
32.	***Нархи фурӯш***	-	-	-	***13533,30***

Манбаъ: *муаллиф дар асоси маълумот аз муҳосиботи ҶДММ «Бехатарии саноатӣ» тартиб додааст.*

Назорати идоракуниро дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ ҳамчун низоме баррасӣ кардан мувофиқ аст, ки аз унсурҳои воридотӣ (таъмини иттилоотии назорат), унсурҳои содиротӣ (маълумот дар бораи объекти идоракунӣ) ва маҷмуи пайвандҳои зерини ба ҳам алоқаманд: марказҳои масъулият, усулҳои назорат, тартиби назорат, муҳити назорат, низоми

баҳисобгирӣ иборат аст.



Расми 2. - Амсилаи баҳисобгирии хароҷот ва натиҷаҳои молиявӣ аз фурӯш

Манбаъ: *муаллиф дар асоси маълумоти ҷадвали 1 тартиб додааст.*

Муаллиф тасдиқ менамояд, ки имрӯзҳо системаи назорати дохилӣ дар баъзе аз ташкилотҳои сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон расман вуҷуд дорад, вале он ҳам ба таври самаранок амал намекунад. Дар баъзе аз дигар корхонаҳо умуман ташкил карда ҳам намешавад. Дар чунин ҳолат сармоягузорон ва соҳибмулкон аз хатарҳои дохилӣ ва берунаи ба фаъолияти ташкилот таҳдидкунанда умуман бехабар мемонанд.

Дар субъектҳои хоҷагӣ, аз он ҷумла дар ташкилотҳои сохтмонӣ дилхоҳ менеҷери сатҳи идоракунӣ танҳо ба хатарҳои ба зерсохтори худ таҳдидкунанда таваҷҷуҳ зоҳир намуда, аз хавфҳои аз дигар бахшҳо зуҳурёбанда бехабар мемонанд. Бо дарназардошти ин вазъ дар ташкилот бояд низоми ягонаи назоратии ҳамаи паҳлӯҳои фаъолияти хоҷагдории корхонаро фарогиранда ташкил карда шавад.

Дар амалия аз рӯйи таъйиноти функсионалӣ, назорати сохтмонро дар маҷмуъ ба назорати дохилӣ ва берунӣ ҷудо мекунанд.

Назорати дохилии сохтмон аз ҷониби шахси иҷрокунандаи сохтмон (паймонкори асосӣ, зерпаймонкор) амалӣ карда мешавад ва марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад:

- назорати сифати маводи воридшаванда;
- назорати амалиётӣ;
- назорати қабулкунии объект.

Барои ба таври инструменталӣ тасдиқ кардани сифати масолеҳ, корҳо ва конструксияҳои бинокории ба итмом расонидашуда дар ҳамаи марҳилаҳои номбаршудаи назорат, назорати лабораторӣ ва геодезӣ ҷалб карда мешаванд. Назорати берунии сохтмон аз ҷониби фармоишгар (фармоишгари техникӣ), ташкилоти махсусгардонидашуда оид ба назорат, ки дорои иҷозатнома мебошад, ё ин ки мақомоти давлатӣ иҷро карда мешавад.

Муаллиф дар асоси омӯзиши асарҳои илмии соҳавӣ, фаъолияти ташкилотҳои сохтмонии ватанӣ, равиши имконии гузаронидани низоми назоратро дар ташкилоти сохтмонӣ пешниҳод намудааст, ки намунаи он дар расми 3 оварда шудааст.

Барои ташкили назорати дохилӣ дар ширкати сохтмонӣ аз рӯйи объектҳо ва марказҳои масъулият муайян кардани марказҳои харочот, мушаххас намудани вазифаҳо ва ваколатҳои ба онҳо вогузошташуда муҳим аст, ки тартиби онҳо дар зербоби 2.3-и рисола нишон дода шудааст.

Банақшагирӣ ва буҷетсозӣ, ташаккули ҳисобот аз рӯйи сегментҳо ва интихоби равиши муносиби ташкили баҳисобгирии идоракунӣ, ки самти сеюми таҳқиқоти диссертатсиониро дар бар гирифтаанд, дар раванди идоракунии ширкатҳои сохтмонӣ аҳамияти хоса доранд, чунки онҳо барои таъмини фаъолияти самаранок, устуворгардонии назорат аз рӯйи истифодабарии захираҳо, иҷроиши бемайлони нақшаҳои гузошташуда ва рушди бобарори ширкатҳои соҳа заминаи устуворро барпо менамоянд.

Акнун, ки «шароити пешбурди хоҷагидорӣ, усулҳои ташкили корҳо ва талаботи истифодабарандагони ахбор тағйир ёфтааст, ширкатҳои сохтмониро лозим меояд, ки барои тартиб додани буҷети ширкат аз роҳу усулҳои наву пешқадам истифода баранд» [20].



Расми 3. - Нақшаи ташкилии низоми назорат дар сохтмон.
Манбаъ: *[73].*

Дар робита ба ин «нақш ва мақоми буҷетсозӣ ҳангоми ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва идоракунии ширкатҳои сохтмонӣ баланд мегардад, чунки он барои назорат аз рӯйи истифодабарии захираҳо, иҷроиши нақшаҳои гузошташуда, раҳнамун сохтани менеҷерони зерсохторҳо ва рушди бобарори ширкатҳои соҳа кафили устувор мебошад» [25].

Муаллиф ҷанбаҳои илмию методӣ ва амалии марбут ба буҷетсозиро омӯхта амсилаи пайдарпайии ташаккули буҷети асосии корхонаи сохтмониро, ки дар расми 4 нишон дода шудааст, пешниҳод менамояд.

Амсилаи ташаккули буҷети амалиётии корхонаро аз рӯйи расми 4 мушоҳида намуда, муайян кардан мумкин аст, ки аввал марҳилаи тартибдиҳии буҷети амалиётӣ бо таҳия кардани буҷети фурӯш оғоз меёбад. Пас аз пурра тартибдиҳии ҳамаи унсурҳои он сипас буҷети молиявӣ бо се унсури муҳимаш тартиб дода мешавад.


Қайд кардан зарур аст, ки «агар тартибдиҳии буҷетҳо дар ширкати сохтмонӣ вобаста ба марказҳои масъулият ба роҳ монда шавад, барои идоракунӣ ва назорати захираҳо дар марказҳои масъулият имконияти воқеӣ ба вуҷуд меояд» [18].

Ба андешаи муаллиф тартибдиҳии буҷетҳо дар ширкати сохтмонӣ вобаста ба марказҳои масъулият бояд ба роҳ монда шавад, чунки маркази масъулият зерсохтори корхона буда, менеҷери он ба идоракунии захираҳои барои ӯ вогузошташуда масъул аст ва идоракунию назорати захираҳо танҳо бо роҳи тартибдиҳии буҷетҳо ба амал бароварда мешавад.

Муаллиф дар доираи ин таҳқиқоти диссертатсионӣ раванди тартибдиҳии буҷети амалиётии ширкати сохтмонии ҶДММ «Гулистон Шаҳрсоз»-ро иборат аз 15 ҷадвал бо тартиби мукаммал пешниҳод намудааст, ки он метавонад ҳамчун роҳнамои методӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ аз ҷониби муҳосибон ба таври васеъ истифода бурда шавад.

Бо тартибдиҳии буҷети фоида ва зарар буҷети амалиётии ширкати сохтмонӣ пурра мегардад. Аз рӯйи буҷетҳои тартибдодашуда фаъолияти амалиётии ширкати сохтмонӣ дар самти бунёди объектҳои алоҳида вобаста ба сметаҳои тасдиқшуда метавонад зери назорат гирифта шавад.

Муаллиф масъалаи тартибдиҳии буҷетҳоро таҳлили чуқур карда ба хулосае омадааст, ки барои бештар шаффоф гардонидани раванди истифодабарии захираҳо, назорат аз рӯйи тамоюлҳои ҳосилшуда дар сметаҳои буҷет, ошкоркунии сабабҳо ва бартарафкунии тамоюлот, баҳодиҳии фаъолияти марказҳои масъулият ва менеҷерҳои онҳо барои мақсадҳои иттилоотӣ, дар ширкатҳои сохтмонӣ бояд системаи банақшагирии молиявӣ дар намуди тартибдиҳии буҷетҳо ҳатман таъсис дода шавад.



Расми 4. - Амсилаи ташаккули буҷети асосии ширкатҳои сохтмонӣ
Манбаъ: *муаллиф таҳия намудааст.*

Баҳисобгирӣ аз рӯйи сегментҳо ва ё тайёркунии ҳисоботи сегментӣ яке аз бахшҳо ё унсурҳои муҳимми системаи баҳисобгирии муҳосибии корхона мебошад ва ташкили он баҳисобгирии идоракунии ширкати сохтмониро


мукаммал мегардонад. «Зери мафҳуми ҳисоботи сегментӣ он ҳисоботи ширкат фаҳмида мешавад, ки аз рӯйи бахшҳои алоҳидаи фаъолият тартиб дода шудааст. Чунин ҳисобот имконият медиҳад, ки фоидаи зербахшҳои алоҳидаи ширкат баланд бардошта шуда, хавфҳо коҳиш дода шавад» [60].

Ба андешаи мо сегмент шохаи алоҳидаи ширкат мебошад, ки «ба фаъолияти мушаххас ва махсусгардонидашуда нигаронида шудааст ва оид ба рафти иҷрои корҳо ва натиҷаҳои он дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ маълумот омода карда мешавад» [25], ки онро ҳамчун баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментӣ меноманд.

Муаллиф омӯзиши таҳқиқоти олимони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ оид ба сегментикунонӣ ва баҳисобгирии сегментиро анҷом дода ба хулосае омадааст, ки баҳисобгирии сегментии дар низоми баҳисобгирии идоракунии ширкати сохтмонӣ тайёршаванда ҳамчун ҳисоботи дохилӣ (сегментӣ) фаҳмида мешавад ва он маҳакҳое, ки дар СБҲМ (IFRS) 8 «Сегментҳои амалиётӣ» муайян шудаанд, метавонанд ба инобат гирифта ҳам нашаванд. Тасдиқи андешаи худро муаллиф чунин ҷамъбаст менамояд: ҳар маркази масъулиятеро, ки (аз маркази хароҷот сар карда то маркази сармоягузӣ) менеҷер идора мекунад, ба ихтиёраш захираҳо вогузор карда мешаванд, барои натиҷаҳои кори марказ масъул гардонида шудааст, бояд ҳисоботи сегментии дохилиро тайёр карда ба менеҷери сатҳи болотар пешниҳод намояд.

Муаллиф сохтори таркибӣ ва ташкилӣ-истеҳсолии ширкати сохтмонии корпоративиро омӯхта нақшаи ташаккули иттилоот оид ба сегментҳо (фаъолияти шуъбаҳо, зершуъбаҳо, коргоҳҳои истеҳсолӣ ва ғ.) ва раванди таёйркунию пешниҳоди онро аз рӯйи марказҳои масъулият пешниҳод намудааст, ки намунаи он дар расми 5 нишон дода шудааст.

Дар асоси вобастагии зерсохторҳои дар расми 5 нишондодашуда муаллиф методикаи тартибдиҳии ҳисоботи сегментиро барои ширкати бузурги сохтмонии иборат аз якчанд объектҳои сохтмонию таъминотӣ ва истеҳсолӣ тартиб додааст, ки намунаи яке аз онҳо дар ҷавдали 2 пешниҳод шудааст.



Расми 5. - Ҷудокунии марказҳои масъулият дар ширкатҳои сохтмонӣ бо мақсади ташкили баҳисобгирии сегментӣ.
Манбаъ: *муаллиф таҳия намудааст.*

Ҷадвали 2. - Ҳисоботи роҳбарони марказҳо (сегментҳо)-и хароҷоти дорои сатҳҳои гуногун, ҳазор сомонӣ


№	Нишондиҳандаҳо	Давраи ҳисоботӣ		Аз аввали сол	
		аз рӯйи смета	тамоюл	аз рӯйи смета	тамоюл
1	*2*	*3*	*4*	*5*	*6*
1.	**Ҳисоботи роҳбари минтақаи истеҳсолии №1 (сегменти хароҷоти сатҳи 1.1)**				
2.	Масолеҳи асосӣ	30	–5	130	+12
3.	Музди меҳнати асосӣ	20	+2	82	+8
4.	Масолеҳи ёрирасон	5	–0,5	20	–3
5.	Сӯзишворӣ ва барқ бо мақсадҳои технологӣ	4	+0,5	14	+2
6.	Дигар хароҷот	1	–	4	–
7.	***Ҳамагӣ аз рӯйи минтақаи истеҳ. №1***	***60***	***–3***	***250***	***+19***
8.	**Ҳисоботи сардори коргоҳи истеҳсолии №1 (сегменти харочоти сатҳи 1)**				
9.	***Минтақаи истеҳсолии №1***	***60***	***–3***	***250***	***+19***
10.	Минтақаи истеҳсолии №1	35	+2	120	+8
11.	Бригадаи хиштчинҳо	35	+2	130	+5
12.	Бригадаи бетонрезҳо	40	+3	200	+10
13.	**Ҳамагӣ аз рӯйи минтақаҳо ва бригадаҳо**	**170**	**+4**	**700**	**+42**
14.	**Хароҷоти умумикоргоҳӣ, аз он ҷумла:**	**30**	***+3***	**100**	**+8**
15.	Музди меҳнати сардор ва устоҳои коргоҳ	12	+2	45	+5
16.	Фарсудашавии таҷҳизоти коргоҳ	10	–	30	–
17.	Сӯзишворӣ ва барқ (технологӣ)	4	+1	10	+2
18.	Музди меҳнати фаррошон	4	–	15	–
19.	***Ҳамагӣ аз рӯйи минтақаҳо ва бригадаҳои истеҳсолӣ бо ҳисоби хароҷоти умумикоргоҳӣ***	***200***	***+7***	***800***	***+50***

Манбаъ: *муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт [33] таҳия намудааст.*

Муаллиф тасдиқ менамояд, ки бартарии методикаи пешниҳодшуда оид ба тартибдиҳии ҳисоботи сегментӣ дар ташаккули маълумоти баҳисобгирӣ оид ба вазъи истифодабарии захираҳо, натиҷаҳои фаъолияти маркази даромад, маркази фоида ва корхона дар маҷмуъ зоҳир гашта, ҳамчун низоми иттилоотии мукаммал зина ба зина ташаккул ёфтани маълумот ва ба роҳбарияти олии корхона пешниҳод гардидани онро таъмин менамояд.

Зимни ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ мушкилиҳои методӣ, ташкилӣ, таъминоти иттилоотӣ ва техникӣ пеш меоянд, ки бо бартараф кардани онҳо роҳи татбиқи баҳисобгирии идоракунӣ дар корхона ҳамвор мегардад.

Барои ҳалли муаммо ва мушкилиҳои зикршуда, мубаддалгардонии ҳамаҷонибаи заминаи ташкилию методии баҳисобгирии идоракунӣ дар се самти асосӣ пешниҳод карда шуд: 1) такмили с*охтори ташкилӣ-идоракунии корхона; 2) танзим кардани равандҳо, ҷараёни ҳуҷҷатҳо ва ҳисобот*; *3) дастгирии иттилоотӣ.*



Эзоҳ: *маълумоти бо ранги сабз нишондодашуда ба ҳисоботи идоракунии дохилӣ ва бо ранги сурх ҷудокардашуда ба ҳисоботи молиявӣ кӯчонида мешавад.*

Расми 3.3.1. Амсилаи баҳисобгирии харочот ва натиҷаҳои молиявӣ аз фурӯш бо низоми муттаҳидшуда.

Манбаъ: *муаллиф таҳия намудааст.*

тти сохтмонӣ ба таври васеъ истифодабарии технологияҳои иттилоотии рақамӣ ва

ҳамгирокунии якчанд нармафзорҳои рақамиро ба мисли “Низоми иттилоотӣ-идоракунӣ” (ERP) ва низоми “Тарҳи иттилоотии бино” (BIM) дар назар дошта мешавад, ки дар зербоби 3.3 тавсияҳои методӣ оид ба татбиқи он пешниҳод карда шудааст. Қайд гардидааст, ки ҳамгирокунии ин ду низом дар ширкатҳои сохтмонӣ корҳои баҳисобгирӣ, назорат ва идоракунии захираҳоро хеле осон намуда натиҷаҳои дилхоҳро барои ширкат ба бор меорад.

Муаллиф зимни таҳқиқоти диссертатсионӣ исбот намудааст, ки дар назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ аз ҷониби олимон аслан ду равиши ташкили баҳисобгирии идоракунӣ аз рӯйи тартиби инъикоси маълумот дар ҳисобҳои муҳосибӣ пешниҳод гардидааст (якум, *низоми мухтор (автономӣ), дуюм низоми муттаҳидшуда),* ки имкониятҳои истифодабарии онҳоро дар ширкатҳои сохтмонӣ таҳқиқ намуда ба хулосае омадааст, ки истифодаи равиши муттаҳидшуда (яъне равиши дуюм) барои корхонаҳои сохтмонӣ хеле мувофиқ аст.

Муаллиф амсилаи инъикоси маълумот дар ҳисобҳои муҳосибиро аз рӯйи равиши муттаҳидшуда марбут ба ҳисобгирии хароҷот ва натиҷаҳои молиявӣ аз фурӯш барои ширкатҳои сохтмонӣ дар расми 6 пешниҳод намуда асоснокии истифодабарии ин равишро дар зербоби 3.3-и рисола муфассал қайд намудааст.

Муаллиф дар рафти таҳқиқоти худ хусусиятҳои соҳаи сохтмонро пурра омӯхта, омилҳоеро аз қабили танзими давлатии фаъолияти онҳо, давраи тӯлонии истеҳсолот, инфиродӣ будани истеҳсолоти сохтмонӣ, тарзи лоиҳавии сармоягузории сохтмон, сохтори мураккаби идоракунӣ, ҳаҷми зиёди бузургии истеҳсолоти нотамом ва ғ. муайян намудааст, ки ҳангоми ташкил кардани баҳисобгирии идоракунӣ ва назорати дохилӣ бо мақсади ташаккули иттилоот ва пешниҳоди он ба менеҷерони дараҷаҳои гуногун ба инобат гирифтани онҳо амри зарурӣ мебошад.

ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО

Аз таҳқиқоти диссертатсионии дар самти ташкилкунӣ ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар соҳаи сохтмон гузаронидашуда чунин хулоса ва тавсияҳо пешниҳод карда мешавад.

1.Ҷанбаҳои назариявӣ ва методии рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат ҳамчун манбаи таъминоти иттилоотӣ дар корхонаҳои соҳаи сохтмон асоснок карда шуда, нақш ва аҳамияти онҳо дар рушди низоми идоракунии корхонаҳои зикршуда муқаррар карда шуд. Ҷамъбасти омӯзиши мавқеи олимону муҳаққиқон нишон медиҳад, ки дар байни онҳо оид ба методология, консепсия, мақсадҳо ва ташкили амалии баҳисобгирии муҳосибӣ андешаҳои монанд дида мешавад. Асосҳои назариявию методологии баҳисобгирии идоракунӣ мавриди таҳқиқоти васеъ қарор гирифта, муайян карда шуд, ки он ҳамчун низоми пешниҳодкунандаи иттилооти иқтисодӣ барои баланд бардоштани самаранокии идоракунии истеҳсолот ва қабул кардани қарорҳои муносиби огоҳона мусоидат менамояд [10-М, 11-М, 3-М].

2. Ширкати сохтмонӣ ҳамчун субъекти иқтисодӣ бо хусусиятҳои мушаххас, ба монанди доштани хосиятҳои инфиродӣ, ба таври марҳилавӣ иҷрошавии корҳои сохтмонӣ, беназирӣ, дарозмуҳлатии даври истеҳсолӣ,

махсусиятҳои иҷроиши корҳои сохтмонӣ вобаста ба иқлим ва релефи маҳал, истифодабарии таҷҳизотҳои махсус ва мураккаб, истифодаи усулҳои махсуси баҳисобгирии хароҷот ва эътирофи даромад, зарурияти тағйир додани сохтор ва мутобиқ шудани он ба шароити тағйирёбанда бо таъсири омилҳои дохилӣ ва берунӣ муайян мегардад. Ин хусусиятҳои зикршуда ба ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат таъсири бевосита мерасонанд [4-М, 10-М].

3. Идоракунии ҳар як марҳилаи фаъолияти иқтисодии ташкилоти сохтмонӣ бояд бо иттилооти санҷидашуда, таҳлилшуда, коркардшуда ва ҷамъбастшуда таъмин карда шавад, чунки маҳз ҳамин гуна маълумот барои назорат ва идоракунии босамари ҳамаи захираҳои дар ихтиёри субъекти иқтисодӣ вогузшташуда кӯмак расонида метавонад. Чунин маълумот дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ аз ҷониби мутахассисони бахши баҳисобгирии муҳосибии корхона тайёр карда мешавад. Дар баробари маълумотҳо оид ба фаъолияти маҷмуии корхона, маҳз ташаккули иттилооти чузъигардонидашуда (таҳлилӣ) барои назорат ва баҳогузории фаъолияти роҳбарони сатҳҳои гуногуни идоракунӣ ва фавран қабул кардани қарорҳои боманфиат бо мақсади муносибгардонии вазъи натиҷаҳои фаъолияти молиявии ташкилот ва зерсохторҳои он барои давраи кӯтоҳ ва дароз зарур аст [4-М, 11-М].

4.Яке аз вазифаҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ дуруст ба ҳисоб гирифтани хароҷоти ширкатҳои сохтмонӣ ва дақиқ ҳисоб кардани арзиши аслии корҳои сохтмонию васлкунӣ мебошад. Таҷриба нишон медиҳад, ҳар чӣ қадаре, ки арзиши аслии корҳои сохтмонию васлгарӣ паст бошад, ҳамон қадар нархи фурӯши онҳо метавонад паст, фоида ва рақобатпазирии ширкат дар бозори корҳои сохтмонию васлгарӣ баланд бошад. Барои ташкили баҳисобгирии хароҷот ва муайян кардани арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) дар шикратҳои сохтмонӣ аз талаботҳои дар ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳавии тасдиқшуда истифода намудан ҳатмӣ мебошад. Муайян карда шуд, ки дар ширкатҳои сохтмонӣ барои ташкили дурусти баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии корҳои сохтмонию васлгарӣ таснифи хароҷот ва истифодабарии усулҳои фармоишӣ, АВС (баҳисобгирӣ аз рӯйи фаъолиятҳо) ва дигарҳо ба ҳадафҳои баҳисобгирии идоракунӣ хеле мувофиқ аст [9-М, 12-М].

5. Системаи назорати дохилии ташкилоти сохтмонӣ василаи муҳимтарини механизми танзими фаъолияти ташкилоти сохтмонӣ ва усули баҳогузории натиҷаи кори иҷрокунандагони вазифаҳои мушаххас барои бехатарии иҷроиши корҳо ва самаранокии сохтмон мебошад. Имрӯзҳо системаи назорати дохилӣ дар баъзе аз ташкилотҳои сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон расман вуҷуд дорад, вале он ҳам ба таври самаранок амал намекунад. Дар баъзе аз дигар корхонаҳо умуман ташкил карда намешавад. Бо дарназардошти ин вазъ дар ташкилот бояд низоми ягонаи назоратии ҳамаи паҳлӯҳои фаъолияти хоҷагдории корхонаро фарогиранда ташкил карда шавад. Назорати дохилии сохтмон аз ҷониби шахси иҷрокунандаи сохтмон (паймонкори асосӣ, зерпаймонкор) амалӣ карда шуда се марҳилаҳои асосии зеринро бояд дар бар гирад: (1) назорати сифати маводди воридшаванда; (2) назорати амалиётӣ; (3)

назорати қабулкунии объект [1-М, 5-М].

6. Имрӯзҳо, ки «шароити хоҷагидорӣ, талабот ва таркиби бозор тағйир ёфтааст, бозор маҳсулот ва фаъолияти рақобатпазирро тақозо менамояд, ширкатҳои сохтмониро лозим меояд, ки барои тартиб додани буҷети корхона аз роҳу усулҳои наву пешқадам истифода баранд» [25]. Ширкатҳои пешқадами соҳаро лозим меояд, ки даромад ва захираҳои ба он вобастаро ояндабинӣ намуда саҳеҳӣ ва дурустии онро таъмин намоянд. Вобаста ба ин банақшагирӣ ва буҷетсозӣ дар раванди идоракунии ширкатҳои сохтмонӣ аҳамияти хоса пайдо менамояд, «чунки он барои таъмини фаъолияти самаранок, назорат аз рӯйи истифодабарии захираҳо, иҷроиши нақшаҳои гузошташуда, баҳодиҳии фаъолияти менеҷерҳо ва рушди бобарори ширкатҳои соҳакафили устувор мебошад» [25] [6-М].

7. Маълумоти тайёршуда дар доираи баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментӣ аз фаъолияти зербахшҳои тиҷоратии корхона дарак дода, барои қабули қарорҳои идоракунӣ ба менеҷерон кӯмаки амалӣ мерасонад. Тартибдиҳии ҳисоботи сегментӣ дар корхонаҳои сохтмонӣ дар ташаккули маълумоти баҳисобгирӣ оид ба вазъи истифодабарии захираҳо, натиҷаҳои фаъолияти марказҳои даромад, фоида ва худи корхона дар маҷмуъ саҳм гузошта, ҳамчун низоми иттилоотии мукаммал зина ба зина ташаккул ёфтани маълумот ва ба роҳбарияти болоии корхона пешниҳод гардидани онро таъмин менамояд. Он барои мукаммалгардонии низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва назорати дохилӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ хамчун василаи пешқадам хизмат мерасонад [6-М, 12-М].

8. Механизми ташкилии баҳисобгирии мавҷуда дар аксари ширкатҳои сохтмонӣ як қатор норасогиҳоро дар бар мегиранд, ки ба равиши системавии ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ таъсири номатлуб мерасонанд. Барои ҳалли муаммо ва мушкилиҳои зикршуда, табдили ҳамаҷонибаи заминаи ташкилию методии баҳисобгирии идоракунӣ дар се самти асосӣ пешниҳод карда шуд: 1) такмили с*охтори ташкилӣ-идоракунии корхона; 2) танзим кардани равандҳо, ҷараёни ҳуҷҷатҳо ва ҳисобот*; *3) дастгирии иттилоотӣ.* Ин дар амалияи баҳисобгирии муҳоибӣ, умуман дар фаъолияти ширкати сохтмонӣ ба таври васеъ истифодабарии технологияҳои иттилоотии рақамӣ ва ҳамгирокунии якчанд нармафзорҳои рақамиро дар назар дорад, ки дар зербоби 3.3 тавсияҳои методӣ оид ба татбиқи он пешниҳод карда шуд. Ҳамчунин дар баробари ин, ҷиҳати мукаммал ва самаранок гаштани низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар доираи нақшаи ҳисобҳои амалкунанда равиши муттаҳидшудае пешниҳод карда шуд, ки аз рӯйи он ҳам иттилоот барои истифодабарандагони беруна ва ҳам барои истифодабарандагони дохилиро дастраст кардан мумкин аст [7-М, 11-М, 12-М].

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо

1.Зимни таҳлили ҳолати ба эҷоди асосҳои методологии баҳисобгирии идоракунӣ алоқамандбуда, ба он чиз бояд такя кард, ки ин масъала аз ҷиҳати консептуалӣ омӯхта шавад. Ин хулоса аз хусусияти субъективии баҳисобгирии идоракунӣ ва таснифи маълумоти расмиаш бармеояд. Илова бар ин, он вазифаи

асосиро иҷро мекунад - таъмини роҳбарият бо маълумоти арзишманд барои қабули қарорҳои фаврӣ. Аз гуфтаҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки аксарияти ҳаҷми маълумоте, ки дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ тавлид мешавад, бояд ба ҳалли проблемаҳои субъекти иқтисодӣ, аз он ҷумла ба ташкилоти сохтмонии муайян нигаронида шавад.

2. Аз нуқтаи назари системавӣ, ташкилотҳои сохтмонӣ як низоми мураккаб ва идорашавандаи дорои омилҳои сершумори иқтисодӣ ва технологӣ мебошанд, ки бо алоқаи баръакс тавсиф мешаванд ва ҷузъҳои таркибии онҳо коргарон (мутахассисони соҳаи сохтмон), масолеҳ ва олотҳои меҳнат мебошанд. Дар доираи ин система захираҳои истифодашуда ба натиҷаҳои ниҳоӣ (дороиҳои ғайригардишӣ, ки дар оянда фоидаи иқтисодӣ меоранд, дигар манофеи иқтисодӣ ва ғ.) табдил меёбанд. Мувофиқ ба ин хусусиятҳои номбаршудаи соҳаи сохтмон низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои соҳа бояд тавре ҷорӣ карда шавад, ки иитилооти омодагардида дар қабули қарорҳо ҳамчун абзори рахнакунанда эътироф гардад.

3. Баҳисобгирии идоракунӣ бояд ҳамчун низоми баҳисобгирӣ-таҳлилии такмилёфтае дар фаъолияти ширкати сохтмонӣ истифода бурда шавад, ки дар доираи он маълумоти санҷидашуда, сабтшуда, тасдиқшуда ва таҳлилшаванда тайёр гардида, бо мақсади муносибгардонии вазъи натиҷаҳои фаъолияти молиявии ташкилот барои давраи ҷорӣ ва оянда ба менеҷерон пешниҳод карда шавад.

4.Бо мақсади рушди баҳисобгирии идоракунии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо)-и сохтмонӣ дар ташкилотҳои сохтмонӣ таснифи намунавии хароҷот ва истифодабарии усулҳои имконпазири арзишмуайянкунӣ (усули фармоишӣ, усули оддӣ ва усули ABC (баҳисобгирӣ аз рӯйи фаъолиятҳо)-ро пешниҳод намуда варақаи арзишмуайянкунии маҳсулотро барои объектҳои таҳқиқшуда дар шакли мушаххас коркард намудем, ки хамчун тавсияҳо ва коркардҳои методӣ дар корхонаҳои зикршуда метавонанд васеъ истифод бурда шаванд.

5. Дар доираи назорати дохилӣ бо мақсади тибқи талабот иҷро шудани корҳои сохтмонию васлгарӣ гузаронидани назорати дохилӣ аз рӯйи объектҳои сохтмонӣ дар самтҳои санҷиши сифат ва мувофиқати нишондиҳандаҳои миқдории маводҳои сохтмонӣ, назорати сифати корҳои иҷрошуда, тафтиши ҳаҷми ҳақиқии корҳои иҷрошуда, назорати қабули мутобиқати иншооти сохтмонии анҷомёфта ба талаботи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ва техникӣ ва ғ. ба мақсад мувофиқ аст. Барои ташкили назорати дохилӣ дар ширкати сохтмонӣ аз рӯйи объектҳо ва марказҳои масъулият муайян кардани марказҳои хароҷот, мушаххас намудани вазифаҳо ва ваколатҳои ба онҳо вогузошташуда муҳим аст.

6. Раванди тартиб додани буҷет бо раванди назорати иҷрои буҷет алоқамандии мустаҳкам дорад. Бинобар ин ба ташкилотҳои сохтмонӣ тавсия дода мешавад, ки дар баробари сметаҳои лоиҳаҳои сохтмонӣ буҷети корхонаро барои ҳар як давраи ҳисоботӣ, ки мо амсилаи онро дар зербахши 3.1-и рисолаи диссертатсионӣ пешниҳод намудем ва ё барои аз давраи оғозгардии объекти сохтмон то ба охиррасии он тартиб дода, системаи назорати иҷрои буҷетро кор

карда бароянд, то ин ки ба истифодаи оқилонаи буҷетҳои тартибдодашуда шароити мусоид фароҳам ояд.

7. Таҳқиқоти назариявию амалии гузаронидаи мо собит намуд, ки «ҳар як маркази масъулиятро, ки (аз маркази хароҷот сар карда то маркази сармоягузорӣ) менеҷер идора мекунад, ба ихтиёраш захираҳо вогузор карда мешаванд, барои натиҷаҳои кори марказ масъулгардонида шудааст» [10], бояд ҳисоботи сегментии дохилиро тайёр карда ба менеҷери сатҳи болотар пешниҳод намояд. Раванди тартибдиҳии ҳисоботи сегментиро мо дар такшилоти сохтмонӣ, аз марказҳои масъулияти поёнӣ (марказҳои хароҷот) сар карда то марказҳои болоӣ (маркази сармоягузорӣ) ба тартиб даровардем, ки он ҳамчун олоти боэътимоди зина ба зина омодакунии иттилооти зарурӣ ва пешниҳоди он ба менеҷерони дараҷаҳои гуногуни идоракунӣ хизмат мерасонад.

8. Ба ширкатҳои сохтмонӣ тавсия карда мешавад, ки зимни ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ аз имкониятҳои васеъи он истифода намоянд. Бо ин мақсад дар зербоби 3.3-и рисола имкониятҳои истифодабарии технологияҳои рақамӣ ва низомҳои иттилотӣ ба мисли “Низоми иттилоотӣ-идоракунӣ” (ERP) ва низоми “Тарҳи иттилоотии бино” (BIM) тавсия карда шудааст. Қайд гардидааст, ки ҳамгирокунии ин ду низом дар ширкатҳои сохтмонӣ корҳои баҳисобгирӣ, назорат ва идоракунии захираҳоро хеле осон намуда натиҷаҳои дилхоҳро барои ширкат ба бор меорад. Ҳамчунин, барои ташкил кардан ва пеш бурдани баҳисобгирии идоракунӣ аз рӯйи низоми ҳисобҳои муҳосибӣ як равиши муттаҳидшудае коркард карда шуд, ки татбиқи он хароҷоти иловагиро талаб накарда, дар доираи он маълумоти заруриро барои ду намуди баҳисобгирӣ – баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ ба даст овардан мумкин аст.

РУЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ

1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, №1844 аз 23.12. 2021.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», №702 аз 25.03.2011.
3. Стратегияи рушди соҳаи сохтмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2022, №203.
4. Қоидаҳои намунавии калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматҳо). Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2023, №505.
5. Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ ва Нишондоди методӣ оиди татбиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ. Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2011, № 41. – http://minfin.tj.
6. Низомномаи баҳисобгирии муҳосибӣ (НБМ) 2/99"Баҳисобгирӣ аз рӯйи шартномаҳои сохтмони асосӣ". Фармоиши Вазорати молияи ҶТ аз 20 декабри соли 1999, № 167.
7. Международный стандарт финансовой отчетности (IFRS) 8 "Операционные сегменты " https://minfin.gov.ru/common/upload/library/2015/01/main/IFRS08.pdf [Санаи воридшавӣ: 03.11.2023]

Диссертатсия ва авторефератҳо

8. Барфиев К.Х. (Хушвахтзода К.Х.) Конкурентоспособность сельскохозяйственного производства и её учетно-аналитические основы: теория, методология, организация (на материалах Республики Таджикистан) / К.Х. Барфиев // Диссертации … доктора экономических наук. – Бишкек, 2018. – 274 стр.
9. Бобоев М.У. Управленческий учет на предприятиях легкой промышленности Республики Таджикистан / М.У. Бобоев // Автореферат диссертации … кандидата экономических наук. - Москва, 2009. – 21 с.
10. Вандина О.Г. Теория и методология функционирования учетно-аналитической системы бизнес-процессов в строительных организациях /О.Г.Вандина // дисс. на соиск. уч. ст. д.э.н. по спец. 08.00.12-Бухгалтерский учет, статистика. Орёл, 2012. – 290 с.
11. Воробьев Н. Н. Развитие сегментарного учета и отчетности в условиях корпоративного управления: дис. … канд. экон. наук: 08.00.12 / Н.Н. Воробьев. – М.: – 2009. – 145 с.
12. Ғаниев У.Ф.Ташкили баҳисобгирӣ ва таҳлили идоракунӣ дар корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ [Матн]: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии н.и.и. аз рӯи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит/ У.Ф.Ғаниев. – Душанбе: ДМТ.– 2023. – 198 с.
13. Грянова А.В. Управленческий учет, анализ и бюджетирование инвестиционно-строительной деятельности /А.В. Грянова. Дис. на соиск. уч. ст. к.э.н., Орёл, 2008. – 198 с.
14. Давлатзода М.Х. Такмили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити маблағҳои буҷетӣ: назария, методология ва амалия /М.Х. Давлатзода // Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит. Душанбе, ДБССТ, 2025. – 352 с.
15. Калемуллоев М.В. Производственный учет в системе управленческого учета / М.В. Калемуллоев // Автореферат диссертации … кандидата экономических наук. – Москва., 1999. –23 с.
16. Каллемуллоев М.В. Производственный учет в системе управленческого учета. Дисс. на соиск. уч. ст. к.э.н. /М.В. Калемуллоев. – Москва: –1999, – 187 с.
17. Каримов Б.Ҳ. Методология ва амалияи бунёдшавии низоми миллии баҳисобгирии молиявӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ / Б.Ҳ. Каримов // Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит. Душанбе, ДБССТ, 2025.– 360 с.
18. Лавренчук Е.Н. Совершенствование управленческого учета в строительстве / Е.Н. Лавренчук // Дисс. на соиск. уч. степени к.э.н. по спец. 08.00.12 - Бухгалтерский учет, статистика. Пермь-2001. – 182 стр.
19. Низомов С.Ф. Развитие методологии и организации управленческого учета в строительном комплексе (на материалах Республики Таджикистан): дис. ... д-ра экон. наук: 2011 / С.Ф. Низомов. – Москва, 2011. – 387 с.
20. Пономорева Н.И. Методология формирования учетно-аналитических систем в строительных организациях. Дисс. на соиск. уч. ст. д.э.н., по спец. 08.00.12 – бухгалтерский учет, статистика / Н.И. Пономорева. Таганрог: 2010. – 338 с.
21. Раҳимов С.Х. Назария ва методологияи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ /С.Х. Раҳимов. Диссертатсия барои дарèфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит. Душанбе, ДБССТ. – 2024. – 367 с.
22. Розиев Д.А. Ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноати бофандагӣ [Матн] / Д.А. Розиев // Дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии н.и.и. аз рӯи

ихтисоси 08.00.12 – Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор. Душанбе, ДМТ – 2021. – 223 с.
23. Сайфиддинзода С.С. Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ/ С.С.Сайфиддинзода// диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит). Душанбе, 2024. – 190 с.
24. Соколов А.А. Методология и практика сегментарного учета и отчетности коммерческих организаций: автореф. дис. д-ра экон. наук. — М., 2005. — 55 с.
25. Ҳукматов Д.Ҷ. Рушди низоми назорати дохилӣ дар раванди идоракунии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон): диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ: 08.00.08. – Душанбе, 2023. – 214 с.
26. Шамсиддинов М.М. Ташаккул ва такмили ҳисоботи идоракунӣ дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ (дар мисоли корхонаҳои саноати кӯҳӣ) [Матн] / М.М. Шамсиддинов // Дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии н.и.и. аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Ҳисоби муҳосибӣ ва омор. Душанбе, ДМТ – 2022. – 216 с.

Монография, китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ

27. Аврова И.А. Управленческий учет. - М.: Бератор-Пресс, 2003. – 135 с.
28. Адамов Н.А. Бухгалтерский учет в строительстве. – 2-е изд. – Спб.: Питер, – 2004.
29. Байбурин А.Х. Современные методы управления качеством в строительстве: учеб. пособие / А.Х. Байбурин. – Челябинск: Изд. центр ЮУрГУ, 2011.– 105 с.
30. Бобиев И.А. Рушди баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментӣ дар ширкатҳои энергетикӣ: назария ва амалия [монография] /И.А.Бобиев // Душанбе: ДМТ, 2023. – 172 с.
31. Бобоев М.У. Управленческие аспекты учета в легкой промышленности: научная монография. – Душанбе: «Ирфон», 2014. – 176 с.;
32. Бухгалтерский учет и аудит в строительстве / Под ред. Лукинова В.А., М.: Юрайт, 1998 – 364 с.
33. Вахрушина М.А. Бухгалтерский управленческий учет: Учебник для студентов вузов, обучающихся по экон. специальностям /М.А.Вахрушина. – 4-е изд., стер. – М.: Омега-Л, 2006. – 576 с.
34. Вахрушина, М. А. Бухгалтерский управленческий учет / М. А. Вахрушина. – М.: ИКФ Омега-Л; Высшая школа, 2011. – 570 с.
35. Друри К. Введение в управленческий и производственный учет: учебное пособие для вузов / Пер. с англ. Под ред. Н.Д.Эриашвили. 3-е изд. перераб. и доп. -М.: Аудит, ЮНИТИ, 1998. – 783 с.
36. Друри К. Управленческий и производственный учет. Пер. с англ. М: ЮНИТИ, 2005.– 1071 с.
37. Ивашкевич В. Б. Бухгалтерский управленческий учет [Текст] / В.Б. Ивашкевич. – М.: Экономистъ. – 2004. – 638 с.
38. Ивашкевич В. Б. Бухгалтерский управленческий учет: учебник. /В.Б. Ивашкевич: 2 – е изд., перераб. и доп. – М.: Магистр: Инфра – М, – 2011. – 576 с.
39. Каримов Б.Х., Каримиён М.Б., Каримиён М.Б. Бухгалтерский учет. Учебник / Б.Х. Каримов, М.Б. Каримиён, М.Б. Каримиён. – Душанбе: Ирфон, 2021. – 444 с. (с.45);
40. Контроль и ревизия: учебное пособие / под ред. М.В. Мельник. М., – 2011.
41. Кутер М. И. Теория бухгалтерского учета: Учебник / М. И. Кутер. – 3-е изд., перераб. и доп.– М.: Финансы и статистика, 2004. – 592 с.
42. Маллинз Л. Менеджмент и организационное поведение: Учеб.-практ. пособие. - Минск: Новое знание, 2003. – 1039 с.
43. Нидлз Б., Андерсон Х., Колдуелл Дж. Принципы бухгалтерского учета / Пер. с англ.

Под ред. Я.В. Соколова. - М.: Финансы и статистика, – 1996. – 496 с.
44. Низомов С.Ф. Управленческий учет и контроль в строительстве: теория, методология и практика [текст]: монография / С.Ф.Низомов//.– Душанбе: изд-во «Соҳибкор», 2013 – 272с.
45. Низомов С.Ф., Мирзоалиев А.А., Раҳимов С.Х. Баҳисобгирии идоракунӣ [матн]: китоби дарсӣ. С.Ф. Низомов, А.А. Мирзоалиев, С.Х. Раҳимов; Душанбе: «Ирфон», 2017. – 324 с.
46. Низомов С.Ф., Организация учета и управления затратами в строительных организаций /монография//.– Душанбе: – «ИРФОН», 2006г. – 140 с.
47. Низомов С.Ф., Производственный учет в строительстве: вопросы теории и практики /монография//. – Душанбе: – «ИРФОН», 2003 г. – 184 с.
48. Николаева С. А. Учетная политика организации: Принципы формирования, содержание, практические рекомендации, аудиторская проверка. / С. А. Николаева. - Изд. 5-е, перераб. и доп. – М.: «Аналитика-Пресс», 2001. – 264 с.
49. Палий В.Ф. Основы калькулирования /монография/. - М.: Финансы и статистика, 1987. – 288 с.
50. Скоун Т. Управленческий учет / Пер. с англ. – М.: Аудит, ЮНИТИ, – 1997. – С. 710
51. Стуков С.А. Система производственного учета и контроля. - М.: Финансы и статистика, 1988. – 223 с.
52. Ткач В.И., Ткач М.В. Управленческий учет: международный опыт /монография// - М.: Финансы и статистика, 1994. – 144 с.
53. Хорнгрен Ҷ.Т., Фостер Дж. Бухгалтерский учёт: управленческий аспект: Пер. с англ./под. ред. Я.В. Соколова. – М.: Финансы и статистика, 2003г. – 416 с.
54. Шеремет А.Д. Управленческий учет: Учебное пособие. - М.: ИД ФБК-ПРЕСС, 2014 – 517.

Мақола ва маърузаҳо

55. Абдулмуминзода Н.А. Управленческий контроль в системе управленческого учета [текст] / А.Н. Абдулмуминзода, Ф. Дж. Зокирова // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов Центральной Азии. – Бишкек, 2022. – №31 (38). – С. 30-35.
56. Адамов Н.А. Методика внутреннего контроля в строительстве / Н.А. Адамов. //Финансовая газета. Региональный выпуск – 2009. – №1. – с.41-43.
57. Бобиев И.А., Расулов Д.Т., Мирзоев Б.Ф. Ҷанбаҳои методии сиёсати баҳисобгирӣ бо мақсадҳои баҳисобгирӣ ва ҳисоботи сегментӣ дар холдингҳои саноатӣ / И.А.Бобиев, Д.Т.Расулов, Б.Ф. Мирзоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2021.– №1.– С. 62-70.
58. Бурцев В.В. Бюджетирование в управлении коммерческой организацией /В.В. Бурцев// Аудитор, – 2009 – №3 – с.23 – 28.
59. Вандина О.Г. Теоретическое исследование качественных характеристик в системе внутреннего контроля коммерческой организации /О.Г. Вандина // Управленческий учет. – 2012. – № 3- С. 28-33.
60. Вахрушина М.А. Новые ориентиры формирования корпоративной отчетности // Корпоративная финансовая отчетность. Международные стандарты. 2009. - № 6 (34).
61. Касьянова Г. Ю. Информация по сегментам: еще один шаг бухгалтерского учета навстречу управленческому / Г. Ю. Касьянова // Российский налоговый курьер. – 2008. – № 6. – с. 31-36.
62. Кутепов А.С. Учетная политика организации для целей ведения сегментарного учета / А.С. Кутепов // Все для бухгалтера. – 2014. – №11. – с.7-14.

63. Муллахметов Х.Ш. Контроль в системе управления /Х.Ш. Муллахметов // Управленческий учёт. – 2012. – №11. – с. 96 – 105.
64. Низомов С.Ф. Влияние отраслевой специфики строительных предприятий на организацию управленческого учета / С.Ф.Низомов // Аудит и финансовый анализ. – 2010. – № 1. – С. 307-313.
65. Низомов С.Ф. Общеметодологические проблемы управленческого учета в строительном комплексе / С.Ф. Низомов // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). – 2012.– № 4 (39). – С. 78-86.
66. Низомов С.Ф., Саидзода Ҷ.Ҳ. Ташаккули низоми нишондиҳандаҳои назорати идоракунӣ дар сохтмон / С.Ф. Низомов, Ҷ.Ҳ.Саидзода // Политехнический вестник. Серия: Интеллект. Инновации. Инвестиции. 2021. – № 2 (54). – С. 66-73.
67. Низомов С.Ф., Хушвахтзода К.Х. Формирование элементов управленческого контроля в системе управленческого учета / С.Ф. Низомов, К.Х. Хушвахтзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2020. – № 3(30).– С.206.
68. Палий В.Ф. Развитие методологии управленческого учета /Бухгалтерский учет. – 2004. – №21. – С.52-55.
69. Хорин А.Н. О достоверности и существенности показателей бухгалтерской отчетности. // Бухгалтерский учет. - 1999. -№11.

Захираҳои интернетӣ

70. Аверчев И.В. Управленческий учет и финансовая отчетность. Статья 1 /I Рассылки GAAP.RU. 15 04.2006. - http //www.gaap.ni/biblio/ mngacc/prncticc/. (дата обращения: 01.12.2023).
71. Бурцев В. В. Управленческий контроль на предприятии: методология и организация [Электронный ресырс] /В.В. Бурцев // Управленческий учет. – 2005, – № 4 – Режим доступа: http://www.upruchet.rU/articles/2005/4/4341.html. (санаи воридшавӣ: 02.07.2026
72. Муллахметов Х.Ш. Управленческий контроль в современных условиях: теоретические аспекты https://cyberleninka.ru/article/n/upravlencheskiy-kontrol-v-sovremennyh-usloviyah-teoreticheskie-aspekty. (дата обращения: 03.12.2023).
73. Основы организации контроля и учета в строительстве: краткий справочник мастера строительно-монтажных работ / сост. Н.И. Фомин, К.В. Бернгардт. – Екатеринбург: Издательство УМЦ УПИ, 2015. – 266 с. https://elar.urfu.ru/handle/10995/36191 (дата обращения: 20.03.2024).

ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

А. Мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нашргардида

[1-М] Икромова, М.Х. Бюджетирование как основа организации управленческого учета по сегментам в строительных организациях / С. Ф. Низомов, И. А. Бобиев, М. Х. Икромова // Учет, контроль, анализ 21 век. – Алматы: ТОО Издательство "Фортуна полиграф", 2024. – С. 75-95. ISBN 978-601-08-4070-6

[2-М] Икромова М.Х. Мафҳум ва моҳияти назорати идоракунӣ дар низоми идоракунӣ [матн] / М.Х. Икромова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –2023. – №10. Қисми I. – С. 207-214. ISSN 2413-5151.

[3-М] Икромова М.Х. Ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар сохтмони саноатӣ [матн] / М.Х. Икромова, Д.Т.Расулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №12. – С. 73-84. ISSN 2413-5151.

[4-М] Икромова М.Х. Ҷанбаҳои назариявии баҳисобгирии идоракунӣ дар соҳаи сохтмон: таҷрибаи ҷаҳон ва Тоҷикистон [матн] / М.Х. Икромова // Паёми Политехникӣ: бахши Интеллект. Инноватсия. Инвеститсия - 2023. - №2 (62) - Саҳ. 58-63. ISSN 2520-2235.

[5-М] Икромова М.Х. Хусусиятҳои технологӣ ва ташкилии истеҳсолоти сохтмонӣ ва таъсири он ба ташкили баҳисобгирӣ [матн] / М.Х. Икромова // Паёми Политехникӣ: бахши Интеллект. Инноватсия. Инвеститсия – 2023. – №3 (63) – С. 60-67. ISSN 2520-2235.

[6-М] Икромова М.Х. Ташкили назорати дохилӣ аз руи объектҳои сохтмон дар ташкилоти сохтмонии саноатӣ [матн] / М.Х. Икромова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – № 4/1 (49) – С. 48-57. ISSN 2308-054X.

[7-М] Икромова М.Х. Буҷетсозӣ ҳамчун асоси ташкили баҳисобгирии идоракунӣ аз рӯи сегментҳо дар корхонаҳои сохтмонӣ [матн] / С.Ф.Низомов, И.А.Бобиев, М.Х. Икромова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – 2024. – №2. – С.75-87.

[8-М] Икромова М.Х. Ҷанбаҳои ташкилии баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ /М.Х.Икромова// Паёми политехникӣ: бахши Интеллект. Инноватсия. Инвеститсия – 2025. – №4 (72) – С. 146-155. ISSN 2520-2235.

[9-М] Икромова, М.Х. Ҷанбаҳои ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ [матн] / М.Х. Икромова // Паёми Политехникӣ: бахши Интеллект. Инноватсия. Инвеститсия (маҷаллаи илмӣ) - 2025. - № 4 (72) - С.146-155. ISSN 2520-2235.

[10-М] Икромова, М.Х. Оценка финансового состояния и пути укрепления на строительных предприятиях [текст] / М.Х. Икромова // Политехнический Вестник: серия Интеллект. Инновация. Инвестиция (научный журнал) - 2026. № 2 (74) - С. . ISSN 2520-2235.

Б. Мақола ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаи маводди конференсияҳо

[11-М]Икромова М.Х. Санъати меъории Осиёи Миёна дар асрҳои миёна / М.Х. Икромова // Маводди конфронсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Асосҳои иҷтимоӣ иқтисодӣ ва ташкилӣ-техникии рушди комплекси сохтмонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (22 майи соли 2021). - Душанбе: ДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ, 2021 - С. 218-222

[12-М]Икромова М.Х. Ташаккули усулҳои баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар шикатҳои сохтмонӣ / М.Х. Икромова // Конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Самтҳои стратегии соҳибкории инноватсионӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ” (25 ноябри соли 2022). Душанбе, ДБССТ, 2022. – Саҳ. 306-308.

[13-М] Икромова М.Х. Таҳлили методологии шароити макроиқтисодӣ ва дараҷаи техникию ташкилии фаъолияти ширкатҳои сохтмонӣ [Матн] /Ш.Р. Орифова, М.Х. Икромова/ Маводди конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба 80-солагии Арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Уроқов Д.У. дар мавзуи «Иқтисодиёт, молия, ҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит: афзалиятҳои рушди стратегӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ» (Қисми 1) (21-23 юми майи соли 2022) / зери назари д.и.и., проф. Хушвахтзода Қ.Х. – Душанбе, матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2022.- Саҳ. 122-127

[14-М] Икромова, М.Х. Ҷанбаҳои ташкилии баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои сохтмонӣ [Матн] / М.Х. Икромова / Маводди конфронси I илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил, аудит, андозбандӣ, назорати давлатии молиявӣ: таҳдидҳои муосир ва самтҳои рушд» (19-20 январи соли 2024) / зери назари д.и.и., проф. Хушвахтзоа Қ.Х. – Душанбе, матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2024. - Саҳ. 94-105.

[15-М] Икромова М.Х. Ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои соҳаи сохтмон / М.Х. Икромова, Ш.Р. Орифова, Абдуллоев Д.Ҷ // Маводди конфронсияи IX байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Илм- асоси рушди инноватсионӣ” (18-19 апрели соли 2024). Душанбе: ДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ, 2024 - Саҳ. 90-94.

ТАДЖИКСКИЙ ТЕХНИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ИМЕНИ АКАДЕМИКА М.С. ОСИМИ



УДК:657:69(575.3)
ББК:65.052+38
И-41

На правах рукописи

ИКРОМОВА МАЛОХАТ ХОЛОВНА

РАЗВИТИЕ УПРАВЛЕНЧЕСКОГО УЧЕТА И КОНТРОЛЯ В СТРОИТЕЛЬНЫХ КОМПАНИЯХ

АВТОРЕФЕРАТ
диссертации на соискание ученой степени
кандидата экономических наук по специальности
5.2.18 – Бухгалтерский учет и аудит

Душанбе – 2026

Диссертация выполнена на кафедре экономики и управления в строительстве Таджикского технического университета имени академика М.С.Осими.

Научный руководитель: **Низомов Самариддин Фахриевич** – доктор экономических наук, профессор, профессор кафедры экономического анализа и аудита Таджикского национального университета

Официальные оппоненты:

Кодирова Гулмо Толибовна - доктор экономических наук, доцент, зав. кафедрой менеджмента Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан

Хукуматов Давлатджон Джамшедович – кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры бухгалтерского учета Таджикского государственного финансово-экономического университета

Ведущая организация: **Таджикский государственный университет коммерции**

Защита диссертации состоится 26 декабря 2026 года в 14.30 часов на заседании диссертационного совета 6D.KOA-100 при Международном университете туризма и предпринимательства Таджикистана. Адрес: 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Борбад48/5, учебный корпус «В», ауд. №305. E-mail: 6D.KOA-100@mail.ru, телефон ученого секретаря: (+992) 981000050

С диссертацией можно ознакомиться в научной библиотеке и на официальном сайте Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана (www.iutet.tj).

Автореферат разослан «_____» «_____» 2026 г.

Ученый секретарь
диссертационного совета,
доктор философии (PhD) **Сайфиддинзода С.С.**

ВВЕДЕНИЕ

Актуальность темы исследования. В условиях рыночной экономики субъекты рынка прилагают больше усилий для получения финансирования и поиска новых путей для эффективной финансово-экономической деятельности. Достигнув этой цели, фирмы могут развивать свою деятельность, тем самым создавая благоприятные условия для общественного прогресса. По мере развития рыночных отношений эффективность деятельности предприятия все больше зависит от методов управления и принятия правильных решений, что позволяет прояснить его экономическое положение и обеспечить подлинную автономию на рынке. Современные экономические тенденции предполагают, что операционная деятельность хозяйствующих субъектов, в том числе строительных фирм, должна опираться на современную и эффективную информационную систему, которая может быть создана только в рамках параметров бухгалтерского учета, предоставляя необходимые данные для выработки тактики и стратегии руководителями бизнеса в рыночных условиях.

Для повышения эффективности управленческого учета и контроля в строительных организациях необходим доступ к информации планово-нормативного, технологического, учетно-аналитического характера, поскольку надзор и регулирование деятельности осуществляются путем сравнения плановых данных с информацией оперативного фактического учета. Однако, современная система несмотря на объем, величину и особенности информации, что предоставляется в виде бухгалтерской отчетности, носит общий и стандартный характер, не может удовлетворять потребности руководства экономических субъектов, особенно строительных организаций. Для эффективного управления и принятия решений руководителям строительных организаций необходимы конкретизированные данные о деятельности структурных единиц различных уровней, о ходе выполнения планов, статьей и элементов затрат, инвестиций, деятельности менеджеров и т.п. Поэтому только система управленческого учета и анализа могут подготовить такую информацию, которая может отражать экономический, управленческий, организационный, финансовый, функциональный и целевой потенциал хозяйствующих субъектов строительной отрасли.

Управление строительными предприятиями требует наличия комплекса профессиональных компетенций и знаний, которые могут быть обеспечены лишь благодаря использованию специализированных систем информационной поддержки и соответствующих подходов. Точность стратегического планирования и эффективность его реализации напрямую зависят от модернизации систем учета затрат и себестоимости, внедрения рационального бюджетирования и создания механизмов формирования внутренней управленческой отчетности. Для решения этих задач особое внимание следует уделить проектированию систем управленческого учета и внутреннего контроля, которых обеспечивают эффективное управление

строительными компаниями и укрепляют их конкурентоспособность в долгосрочной перспективе.

В связи с этим возникает необходимость в разработке теоретических основ, методологических подходов и практических решений по внедрению информационных систем, объединяющих инструменты управленческого учета и внутреннего контроля. Практическая, теоретическая и методологическая значимость данного исследования обусловлена потребностью в повышении качества управления и общей эффективности деятельности организаций строительной отрасли.

Степень изученности научной темы. Исследованию теоретических, методологических и практических вопросов управленческого учета и контроля посвящены ценные научные работы следующих зарубежных ученых: Аверчев И.В. [70], Адамов Н.А. [28], Аврова И.А. [27], Бурцев В.В. [58; 71], Вандина О.Г. [10; 59], Вахрушина М.А. [33; 34; 60], Воробьев Н.Н. [11], Друри К. [35; 36], Ивашкевич В.Б. [37; 38], Касьянова Г.Ю. [61], Кутер М.И. [41], Кутепов А.С. [62], Маллинз Л. [42], Мельник М.В. [40], Муллахметов Х.Ш. [63, 72], Нидлз Б., Андерсон Х., Колдуелл Дж. [43], Николаева С.А. [48], Палий В.Ф. [49; 68], Скоун Т. [50], Соколов А.А. [24], Стуков С.А.[51], Ткач В.И., Ткач М.В. [52], Хорнгрен Ҷ.Т., Фостер Дж. [53], Шеремет А.Д. [54], Хорин А.Н. [69] и другие.

Отдельные вопросы организации управленческого учета и контроля рассмотрены в исследованиях следующих отечественных ученых: Абдулмуминзода Н.А. [55], Бобиев И.А. [30; 57], Бобоев М.У. [9; 31], Ғаниев У.Ф. [12], Давлатзода М.Х. [14], Зокирова Ф.Дж. [55], Калемуллоев М.В. [15; 16], Каримов Б.Ҳ. [17; 39], Мирзоалиев А.А. [45], Низомов С.Ф. [19; 45; 46; 47; 64; 65; 66; 67], Раҳимов С.Х. [21, 45], Розиев Д.А. [22], Сайфиддинзода С.С. [23], Хушвахтзода Қ.Х. [8; 67], Шамсиддинов М.М [26] и другие.

Изучению вопросов организации управленческого учета и контроля в строительных компаниях непосредственно занимались такие ученые как, Байбурин А.Х. [29], Адамов Н.А. [56], Лукинова В.А. [32], Бурцев В.В. [58], Вандина О.Г. [10, 59], Грянова А.В. [13], Низомов С.Ф. [19, 44, 64, 65, 66], Пономорева Н.И. [20].

Обратив внимание на значимость трудов вышеперечисленных ученых, которые проводили исследования общих вопросов организации управленческого учета и контроля, следует заметить, что всестороннее исследование проблем развития управленческого учета и контроля в строительных компаниях, осуществляющих деятельность с различными организационными и управленческими структурами, осталось вне поле их исследования.

Связь исследования с программами и научными темами. Диссертация выполнена в рамках реализации Национальной стратегии развития РТ на период до 2030 года (Постановления Правительства Республики Таджикистан от 1 октября 2016 года, №392), Стратегии

развития строительной отрасли Республики Таджикистан на период до 2030 года (Постановления Правительства Республики Таджикистан от 27 апреля 2022 года, №203), также Плана научно- исследовательских работ Таджикского технического университета имени академика М.С. Осими на 2021-2025 годы.

ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ИССЛЕДОВАНИЯ

